МАБЛАҒГУЗОР - ИТТИҲОДИ АВРУПО

юнисеф
барои ҳар як кӯдак

# КӮМАКПУЛИҲОИ ИҶТИМОӢ БАРОИ КӮДАКОН ВА ОИЛАҲОИ ОНҲО ДАР ТОҶИКИСТОН

## ИҚТИБОС

ш. Душанбе - 2019

# КӮМАКПУЛИҲОИ ИҶТИМОӢ БАРОИ КӮДАКОН ВА ОИЛАҲОИ ОНҲО ДАР ТОҶИКИСТОН

# ИҚТИБОС

Нашрияи мазкур бо маблағгузорӣ ва кӯмаки техникии Иттиҳоди Аврупо ва Хазинаи Кӯдаки Созмони Милали Муттаҳид чоп гардидааст.

Иттиҳоди Аврупо барои мазмуни маводи чопшуда масулият надорад.

ш. Душанбе - 2019

# МУНДАРИЧА


| | | |
|---|---|---|
| | **ПЕШГУФТОР**............................................... | **3** |
| **I.** | **КӮМАКПУЛИҲОИ ИҶТИМОӢ, КИ БА КӮДАКОН ПАРДОХТ КАРДА МЕШАВАНД...** | **5** |
| | Кӯмакпулии давлатӣ ба кӯдакони то синни 16 сола, ки мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният мебошанд............................................... | 5 |
| | Кӯмакпулии якваќта бинобар таваллуди кӯдак... | 8 |
| | Кӯмакпулии ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдак.... | 11 |
| | Кӯмакпулӣ барои бекорӣ.................................. | 14 |
| | Нафакаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон............................................................... | 19 |
| | Нафакаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон............................................................... | 29 |
| | Нафакаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ......................... | 36 |
| **II.** | **КӮМАКПУЛИҲОИ ИҶТИМОӢ, КИ БА ОИЛАҲО ПАРДОХТ КАРДА МЕШАВАНД......** | **43** |
| | Кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат............................................................... | 43 |
| | Қарзи имтиёзнок ба оилаҳои муҳоҷирони экологӣ.................................................................. | 49 |
| | Кӯмаки якваќтаи моддӣ ба сардорони оилаҳои муҳоҷирони экологӣ............................................. | 52 |
| | Кӯмаки якваќтаи моддӣ ба аъзои оилаи муҳоҷирони экологӣ............................................. | 54 |
| | Кӯмакпулӣ барои дафн ба аъзои оилаи камбизоат............................................................... | 56 |
| | Кӯмакпулӣ барои нигоҳубини узви бемори оила. | 62 |
| | Ҷуброни зарар бо сабаби фавти корманд (саробон) дар натиҷаи ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот............................................................ | 66 |
| | Расонидани кӯмаки якваќта ба маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробар кардашуда, ба собиқадорони меҳнат ва оилаҳои камбизоат............................................................ | 72 |
| **III.** | **НОМГӮИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ИСТИФОДАШУДА.........................** | **75** |

# ПЕШГУФТОР

Яке аз вазифаҳои муҳими иҷтимоии ҳар як давлати муосир ин пардохт намудани кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони эҳтиёҷманд, аз ҷумла маъюбон, кӯдакони бесаробонмонда, шасхони бекор, куҳансолон ва оилаҳои ниёзманд ба ҳисоб меравад.

Кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ яке аз шаклҳои асосии таъминоти иҷтимоии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, бо мақсади баланд бардоштани некӯаҳволии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ҳар моҳ, давра ба давра ё яквақтаина пардохт карда мешаванд.

Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурӣ Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад, модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд. Тибқи Конститутсия давлат таъмини ҳифзи кӯдакони ятим, ғамхории маъюбон ва таълиму тарбияи онҳо, инчунин ҳифзи иҷтимоии ҳар шахсро дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолат медиҳад.

Барои татбиқи меъёрҳои мазкури Конститутсия дар Тоҷикистон як қатор қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидандд, ки ба таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон, аз ҷумла ба пардохти нафақаву ҷубронпулиҳо ва кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ба нафақахӯрон, маъюбон, шахсони яккаву танҳо, оилаҳои камбизоат, кӯдакони бесаробонда ва дигар табақаҳои осебпазири аҳолӣ равона гардида, имкон

медиҳанд, ки некӯаҳволии шаҳрвандон ва оилаҳои ниёзманд беҳтар гардад.

Инчунин, Тоҷикистон ҳавасмандӣ ва хоҳиши худро барои риояи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосии инсон изҳор намуда, иштирокчии созишномаҳои асосии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъизи нажод, Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон, Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва ҷазо, Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак, Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи ҳамаи коргарони муҳоҷир ва аъзоёни оилаҳои онҳо, Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои маъюбон, ду Протоколи факултативӣ ба Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак ва зиёда аз 10 созишномаҳои дуҷониба дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, мебошад.

Тадқиқоти мазкур ҳамаи кӯмакпулиҳои иҷтимоиро, ки барои кӯдакон ва оилаҳои онҳо дар Тоҷикистон пардохт мегарданд, дар бар гирифта, дар он руйхати тамоми кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ, ки кӯдакони осебпазир ва оилаҳои онҳо дар Тоҷикистон дастрас карда метавонанд бо нишон додани номгӯи кӯмакпулиҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки пардохт намудани онҳоро пешбинӣ менамояд, шартҳои пардохт, кӣ ҳуқуқи гирифтани онҳоро дорад, андоза, давомият, усули пардохт, муассисаҳои давлатӣ, ки дар сатҳи маҳал вобаста ба ин кӯмакупулиҳо вазифадоранд, номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва раванди пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро барои гирифтани кӯмакпулиҳо гирди ҳам оварда шудаанд.

# I. КӮМАКПУЛИҲОИ ИҶТИМОӢ, КИ БА КӮДАКОН ПАРДОХТ КАРДА МЕШАВАНД

## Кӯмакпулии давлатӣ ба кӯдакони то синни 16 сола, ки мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният мебошанд

***Санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки пардохт намудани кӯмакпӯлиро пешбинӣ менамояд***

- Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1413 (моддаи 167).
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2010, №232 «Дар бораи тасдиқи Тартиби таъин ва пардохти кӯмакпулии давлатӣ ба кӯдакони то синни 16 сола, ки мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният мебошанд».

***Кӣ соҳиби кӯмакпулӣ шуда метавонад?***

Кӯдакони то синни 16-сола, ки мубталои вируси норасоии масунияти одам (минбаъд-ВНМО) ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (минбаъд-БПНМ) мебошанд.

***Андозаи кӯмакпулӣ, муҳлати пардохт ва усули пардохти он***

Кумакпулӣ дар ҳаҷми 7 (ҳафт) нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ҳар моҳ ба намояндаи қонунии гирандаи кӯмакпулӣ мутобиқи варақаи пардохтӣ (ведомост) тавассути муассисаҳои маҳаллии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" пардохт карда мешавад. Дар ҳолати таъини кӯмакпулӣ ба аъзои як оила, кӯмакпулӣ ба ҳар як узви оила дар алоҳидагӣ таъин карда мешавад.

> ***Эзоҳ:*** *Аз 1 январи соли 2019 як нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар ҳаҷми 55 сомонӣ муқаррар карда шудааст.*

***Муасисаҳои давлатӣ, ки дар сатҳи маҳал вобаста ба ин кумакпӯлӣ вазифадор ҳастанд***

Мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.

Комиссияҳои маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак.

Марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО.

***Номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ***

- аризаи намояндаи қонунии кӯдаки мубталои ВНМО ва БПНМ ба номи комиссияҳои шаҳрию ноҳиявӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак;
- шиносномаи шаҳрвандии намояндаи қонунии кӯдак;
- шаҳодатнома дар бораи таваллуди кӯдак;
- маълумотнома оид ба ҷои истиқомати кӯдак;

- нусхаи хулосаи тиббии Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО.

*Раванди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо*

Барои гирифтани кӯмакпулӣ намояндаи қонунии кӯдаки мубталои ВНМО ва БПНМ ба номи комиссияҳои шаҳрию ноҳиявӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак тавассути шӯъбаву бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ариза ва дигар ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод менамояд. Ҳуҷҷатҳо барои таъини кӯмакпулӣ дар мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷамъоварӣ гардида, барои баррасӣ ва қабули қарор ба комиссияҳои маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак пешниҳод карда мешаванд. Комиссияҳои маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак, аризаро баррасӣ карда, протоколро оид ба таъини кӯмакпулии давлатӣ ба мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод менамоянд. Мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар асоси протоколҳои комиссияҳои маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак дар хусуси таъмини кӯмакпулӣ варақаи пардохтро (ведомост) таҳия ва тасдиқ намуда, барои маблағгузорӣ ба муассисаи маҳаллии Амонатбонк пешниҳод менамоянд. Пардохти кӯмакпулӣ ба намояндаи қонунии гирандаи кӯмакпулӣ мутобиқи варақаи пардохтӣ (ведомост) ба таври нақдӣ тавассути бонки мазкур сурат мегирад.

## Кӯмакпулии яқвақта бинобар таваллуди кӯдак

### *Санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки пардохт намудани кӯмакпӯлиро пешбинӣменамояд*

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» аз 13.12.1997, №517 (моддаи 14).
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» аз 29.12.2010, №675 (моддаи 29).
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 октябри соли 2014, № 630 «Дар бораи Тартиб ва шартҳои пардохти кӯмакпулиҳо ҳангоми корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорию таваллуд ва кӯмакпулиҳои оилавӣ».
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.03.2013, №146 «Дар бораи Тартиби экспертизаи корношоямии муваққатии шаҳрвандон дар муассисаҳои табобатию профилактикӣ».

### *Кӣ соҳиби кумакпулӣ шуда метавонад? Шартҳои пардохти кӯмакпулӣ*

Кӯмакпулии оилавии якваққта бинобар таваллуди кӯдак ҳангоми таваллуди кӯдак (кӯдакон) дода мешавад. Ҳуқуқи гирифтани кӯмакпулии мазкурро инчунин шахсоне, ки кӯдакони навзодро аз таваллудхона фарзанд хондаанд ва ё васигии онҳоро ба

ӯҳда гирифтаанд, низ доранд. Ҳангоми ду ва ё зиёда кӯдак таваллуд кардан, кӯмакпулӣ барои таваллуди ҳар як кӯдак дар алоҳидагӣ бо дарназардошти кӯдаки чандум буданаш дар оила дода мешавад. Кӯмакпулӣ дар ҷои кори (таҳсили) яке аз волидайн, агар падару модар кор ё таҳсил накунанд аз ҷониби шӯъбаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии маҳалли истиқомат пардохта мешавад. Кӯмакпулӣ дар вақте таъин ва пардохт карда мешавад, ки аз вақти таваллуди кӯдак на зиёда аз шаш моҳ гузашта бошад. Дар мавриди фавти яке аз волидайн кӯмакпулии ба ӯ қаблан муқарраршуда ба волидайни дигар ё шахсоне дода мешавад, ки бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи хешутаборӣ бо фавтида ва дар таъминоти ӯ қарор доштан муроҷиат намоянд.

***Андозаи кӯмакпулӣ, мӯҳлати пардохт ва усули пардохти он***

Кӯмакпулии яквақта ҳангоми таваллуди кӯдаки шахси суғурташуда ба андозаи зерин таъин карда мешавад:

- ҳангоми таваллуди кӯдаки якум - ба андозаи се нишондиҳанда барои ҳисобҳо (165 сомонӣ);
- ҳангоми таваллуди кӯдаки дуюм - ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо (110 сомонӣ);
- ҳангоми таваллуди кӯдаки сеюм ва зиёда - ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо (55 сомонӣ).

Кӯмакпулӣ дар ҷои кори асосии корманд (дар ҷое, ки дафтарчаи меҳнатиаш ба қайд гирифта шудааст) ба шахси суғурташуда дар мӯҳлатҳои барои пардохти музди меҳнат муқарраргардида, пардохт карда мешавад. Дар ҳолате, ки пардохти кӯмакпулӣ якҷоя бо

музди меҳнат имконнопазир бошад, метавонад дар асоси расиди хароҷотии алоҳида пардохт карда шавад.

***Муасисаҳои давлатӣ, ки дар сатҳи маҳал вобастаба ин кумакпӯлӣ вазифадор ҳастанд***

Мақомоти маҳаллии Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муассисаҳо ва ташкилоту корхонаҳо.

***Номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ***

- варақаи корношоямӣ;
- маълумотнома дар бораи таваллуди кӯдак, ки мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ додааст.

***Раванди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо***

Барои гирифтани кӯмакпулӣ корманд бояд варақаи корношоямӣ ва маълумотнома дар бораи таваллуди кӯдакро, ки мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ додааст ба маъмурияти ҷои кори асосии худ баъд аз ба охир расидани корношоямии муваққатӣ, дар рӯзи баромадан ба кор пешниҳод намояд. Дар сурати гум кардани маълумотнома дар бораи таваллуди кӯдак нусхаи он (дубликат), ки бо тартиби муқарраршуда аз ҷониби мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ тасдиқ шудааст, бо пешниҳоди маълумотнома аз ҷои кори (таҳсили) волидайни дигар дар бораи нагирифтани ин кӯмакпулӣ, пешниҳод карда мешавад. Дар мавриди фавти яке аз волидайн волидайни дигар ё шахсоне, ки бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи хешутаборӣ бо фавтида ва дар таъминоти ӯ қарор доштан, метавонанд барои гирифтани кӯмакпулӣ ба

маъмурияти ҷои кори асосии волидайни фавтида муроҷиат намоянд. Кӯмакпулӣ метавонад дар асоси ваколатнома, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, пардохт карда шаванд.

## Кӯмакпулии ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдак

***Санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки пардохт намудани кӯмакпӯлиро пешбинӣ менамояд***

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» аз 13.12.1997, №517 (моддаи 14).
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» аз 29.12.2010, №675 (моддаи 29).
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 октябри соли 2014, №630«Дар бораи Тартиб ва шартҳои пардохти кӯмакпулиҳо ҳангоми корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорию таваллуд ва кӯмакпулиҳои оилавӣ».

***Кӣ соҳиби кумакпулӣ шуда метавонад?***

Ҳангоми таваллуди кӯдак ва дар сурати додани рухсатӣ ба зан барои нигоҳубини кӯдак то ба синни якунимсолагӣ расидани он барои ин мӯҳлат кӯмакпулӣ

дода мешавад. Кӯмакпулӣ ба шахсоне пардохт карда мешавад, ки кор мекунанд ва агар ҳуқуқ барои гирифтани онҳо дар давраи кор пайдо шуда бошад ва аз вақти таваллуди кӯдак на зиёда аз шаш моҳ гузашта бошад. Ҳангоми ду ва ё зиёда кӯдак таваллуд кардан, кӯмакпулӣ барои нигоҳубини ҳар як кӯдак дар алоҳидагӣ то расидани онҳо ба синни якунимсолагӣ дода мешавад. Дар мавриди фавтидан кӯмакпулии ба ӯ қаблан муқарраршуда ба волидайни ӯ ё шахсоне дода мешавад, ки бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи хешутаборӣ бо фавтида ва дар таъминоти ӯ қарор доштан муроҷиат намоянд.

***Андозаи кӯмакпулӣ, мӯҳлати пардохт ва усули пардохти он***

Кӯмакпулии аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ ба андозаи 100 фоизи нишондиҳанда барои ҳисобҳо (55 сомонӣ), ҳар моҳ  дар ҷои кори асосии корманд (дар ҷое, ки дафтарчаи меҳнатиаш ба қайд гирифта шудааст) дар мӯҳлатҳои барои пардохти музди меҳнат муқарраргардида, пардохт карда мешавад. Дар ҳолате, ки пардохти кӯмакпулӣ якҷоя бо музди меҳнат имконнопазир бошад, метавонад дар асоси расиди хароҷотии алоҳида пардохт карда шавад. То лаҳзаи пардохти навбатии музди меҳнат, агар корношоямӣ ҳанӯз идома дошта бошад, варақаи корношоямӣ метавонад барои пардохт пешниҳод гардад.

***Муасисаҳои давлатӣ, ки дар сатҳи маҳал вобастаба ин кумакпӯлӣ вазифадор ҳастанд***

Мақомоти маҳаллии Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муассисаҳо ва ташкилоту корхонаҳо.

*Номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ*

- варақаи корношоямӣ;
- маълумотнома дар бораи таваллуди кӯдак, ки мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ додааст ё шаҳодатнома дар бораи таваллуд.

*Раванди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо*

Барои гирифтани кӯмакпулӣ корманд бояд ба маъмурияти ҷои кори асосии худ ариза дар бораи баромадан ба рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак то расидан ба синни якунимсолагӣ, маълумотнома дар бораи таваллуди кӯдак, ки мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ додааст ё шаҳодатнома дар бораи таваллуди кӯдакро то ба охир расидани рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд ва ё дар рӯзи баромадан ба кор пешниҳод намояд. Дар сурати гум кардани маълумотнома дар бораи таваллуди кӯдак ё шаҳодатнома дар бораи таваллуди кӯдак нусхаи он (дубликат), ки бо тартиби муқарраршуда аз ҷониби мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ тасдиқ шудааст, пешниҳод карда мешавад. Дар мавриди фавти зан ҳамсари ӯ ё шахсоне, ки бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи хешутаборӣ бо фавтида ва дар таъминоти ӯ қарор доштанд метавонанд барои гирифтани кӯмакпулӣ ба маъмурияти ҷои кори асосии волидайни фавтида муроҷиат намоянд. Кӯмакпулӣ метавонад дар асоси ваколатнома, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, пардохт карда шаванд.

## Кӯмакпулӣ барои бекорӣ

***Санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки пардохт намудани кӯмакпӯлиро пешбинӣ менамояд***

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак» аз 18.03.2015, №1196 (моддаи 36).
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 01.08.2003, №44 (моддаи 8).
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» аз 29.12.2010, №675 (моддаи 29).
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2004, №170 «Дар бораи тасдиқи Тартиби бақайдгирии шаҳрвандони бекор».

***Кӣ соҳиби кӯмакпулӣ шуда метавонад? Шартҳои пардохти он***

Ба шаҳрвандоне, ки ба синни 15-сола расидаанд ва мувофиқи тартиби муқарраргардида бекор дониста шудаанд, кӯмакпулӣ барои бекорӣ пардохта мешавад. Кӯмакпулӣ ба шаҳрвандоне, ки бо сабаби барҳамхӯрии ташкилотҳо ё қатъ шудани фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории кормандони ташкилотҳо, қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ, инчунин бо дигар сабабҳо аз кор озод шудаанд ва дар ин давра музди миёнаи меҳнаташон дар ҷои кори охирин нигоҳ дошта шудааст, аз рӯзи

якуми баъди гузаштани давраи муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешавад. Барои гирифтани кӯмакпулӣ шаҳрвандони бекор ҳангоми мурочиат ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ бояд дар давоми 3 соли охири пеш аз мурочиат на камтар аз 18 моҳи тақвимӣ собиқаи корӣ дошта бошанд ва ҳатман аз музди меҳнати ин давраи фаъолият ҳаққи суғуртаи иҷтимоиро пардохта бошанд. Ёрдампулии ҳангоми аз кор озодшавӣ пардохташаванда ва музди миёнаи меҳнати нигоҳдошташавандаи шаҳрвандони аз ташкилотҳо аз кор (аз хизмати ҳарбӣ) бинобар барҳамдиҳӣ, ихтисори шумора ё штатҳо озодшуда ҳамчун музд ба ҳисоб гирифта намешавад.

***Андозаи кӯмакпулӣ, мӯҳлати пардохт ва усули пардохти он***

Кӯмакпулӣ дар моҳи аввал ба андозаи 50 фоиз, дар моҳи дуюм ба андозаи 40 фоиз ва дар моҳи сеюм ба андозаи 30 фоизи музди миёнаи меҳнати ҷойи кори охирин (бо назардошти коэффитсиентҳо), ки дар шаш моҳи охири корӣ ҳисоб карда шудааст, вале на камтар аз музди меҳнати ҳадди ақали муқарраргардида таъин карда мешавад. Ба шаҳрвандоне, ки пеш аз мурочиат намудан барои гирифтани кӯмакпулӣ дар давоми 3 соли охир аз 18 моҳи тақвимӣ камтар соҳиби кори музднок буда, ҳамчун бекор дониста шудаанд, кӯмакпулӣ дар ҳаҷми музди меҳнати ҳадди ақали дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида таъин карда мешавад.

***Муасисаҳои давлатӣ, ки дар сатҳи маҳал вобастаба ин кумакпӯлӣ вазифадор ҳастанд***

Шӯъбаҳои (бахшҳои) Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

***Номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ***

- шиноснома;
- дафтарчаи меҳнатӣ ё ҳуҷҷатҳое, ки онҳоро иваз мекунанд;
- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи тахассуси касбӣ;
- маълумот дар бораи музди меҳнати миёна дар ду моҳи охир аз ҷои кори охирин;
- тавсияи меҳнатӣ, хулосаи хусусияти тавсиявидошта ва шароити меҳнат ё барномаи инфиродии барқарорсозии маъюб (барои маъюбон);
- билети ҳарбӣ (барои шаҳрвандоне, ки аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё аз дигар сохторҳои низомӣ ҷавоб шудаанд);
- маълумотномаи озодшавӣ (барои шаҳрвандоне, ки бо қарори суд аз муассисаҳои ислоҳотию меҳнатӣ тибқи Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод шудаанд);
- нусхаи эъломия доир ба пардохти андоз аз даромад аз мақомоти дахлдори андоз (дар ҳолати зарурӣ);
- маълумотнома оид ба нафакахӯр набудан аз раёсати (шӯъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи маҳалли зист (дар ҳолати зарурӣ);
- маълумот оид ба ҳиссагузаронӣ ба Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа (собиқаи суғуртавӣ) ва дар хусуси даромад аз мақомоти дахлдори

андоз (барои шаҳрвандоне, ки пештар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буданд).

*Раванди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо*

Барои бақайдгирӣ бо мақсади ҷӯстуҷӯи кори мувофиқ шаҳрванди корҷӯй, ки ба синни 15-сола расидааст метавонад ба мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ҷойи истиқомати доимии худ бо пешниҳод кардани шиноснома, дафтарчаи меҳнатӣ ё ҳуҷҷатҳое, ки онҳоро иваз мекунанд, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи тахассуси касбӣ, маълумот дар бораи музди меҳнати миёна дар ду моҳи охир аз ҷои кори охирин муроҷиат намояд. Шахсони бори аввал корҷӯяндае, ки касб ё ихтисос надоранд, шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият дар бораи маълумотро бояд пешниҳод намоянд. Маъюбон илова ба ҳуҷҷатҳои зикршуда бояд тавсияи меҳнатӣ, хулосаи хусусияти тавсиявидошта ва шароити меҳнатро пешниҳод намоянд, ё барномаи инфиродии барқарорсозии ӯ ба ҳисоб гирифта мешавад. Бақайдгирии шаҳрвандони корҷӯй ҳангоми муроҷиати шахсии онҳо бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дар боло номбаршуда, анҷом дода мешавад. Шаҳрвандоне, ки аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё аз дигар сохторҳои низомӣ ҷавоб шудаанд, бояд билети ҳарбӣ ва шаҳрвандоне, ки бо қарори суд аз муассисаҳои ислоҳотию меҳнатӣ тибқи Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод шудаанд, маълумотномаи озодшавиро пешниҳод намоянд. Шаҳрвандоне, ки пештар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буданд, бояд оид ба ҳиссагузаронӣ ба Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа (собиқаи суғуртавӣ) ва дар хусуси даромад аз мақомоти дахлдори андоз маълумот пешниҳод намоянд. Дар ҳолати зарурӣ шаҳрванд бояд нусхаи эъломия доир ба пардохти андоз аз даромад аз

мақомоти дахлдори андоз ва маълумотнома оид ба нафакахӯр набудани вай аз раёсати (шӯъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи маҳалли зистро пешниҳод намояд.

Мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз рӯзи бақайдгирии шаҳрванд дар муддати 10 рӯз бо мақсади ҷустуҷӯи кори мувофиқ ба шахси корҷӯянда аз рӯи имкониятҳои мавҷуда намудҳои кори мувофиқ, аз ҷумла корҳои хусусияти муваққатидоштаи шаҳрвандони ихтисос ва касбнадошта, намудҳои касбу ихтисосҳое, ки мавриди талаботи бозори меҳнат мебошанд, роҳҳои ба даст овардани бозомӯзии касбиро пешниҳод менамояд. Бо мақсади мусоидат дар таъминкунии шаҳрванд бо кор нақшаи ҷустуҷӯи мустақилонаи кор метавонад пешниҳод гардад. Агар шаҳрванди корҷӯянда дар давоми 11 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи бақайдгирӣ ба сифати шахси бекор бо ҷойи кори муносиб таъмин нагардад дар асоси қарори мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ҳамчун шахси бекор эътироф гардида, дар давоми на дертар аз 11 рӯз аз лаҳзаи бекор дониста шудани шаҳрванд ба ӯ кӯмакпулӣ барои бекорӣ таъин карда мешавад. Шаҳрвандоне, ки тибқи тартиби муқарраршуда бақайдгириашон ба сифати бекор рад гардидааст, ҳуқуқ доранд, такроран баъд аз як моҳ ба мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ барои ҳалли масъалаи бақайдгирии онҳо ҳамчун шахсони бекор муроҷиат намоянд. Дар ҳолати рад намудани бақайдгирии шаҳрванд ҳамчун шахси бекор, ӯ аз ҷониби мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба таври шифоҳӣ ё хаттӣ дар бораи қарори қабулшуда ва сабабҳои радкунӣ огоҳ карда мешавад.

## Нафакаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон

***Санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки пардохт намудани нафақаро пешбинӣ менамояд***

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз 12.01.2010, №595 (моддаи 16).
- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.08.2013, №1493 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия».
- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.06.2016, №697 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия».
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.03.2013, №90 «Дар бораи Тартиби муроҷиат барои таъини нафақа ва пешбурди ҳуҷҷатҳои нафақавӣ».
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.03.2013, №91 «Дар бораи Тартиби пардохти

нафақа ба кӯдаконе, ки дар таъминоти пурраи давлат мебошанд».

- Фармоиши Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.02.2016, №11 «Дар бораи тартиби таъин ва пардохти нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ».

***Кӣ соҳиби нафақа шуда метавонад?***

Ба нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон аъзои ғайриқобили меҳнати оилаи саробони фавтида, ки дар таъминоти ӯ қарор доштанд, ҳуқуқ доранд. Оилаи саробони бе ному нишон гумшуда ба оилаи саробонаш фавтида баробар దониста мешавад, ба шарте, ки бе ному нишон гум шудани саробон бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шуда бошад.

Аъзои ғайриқобили меҳнати саробони фавтидаи оила инҳо эътироф карда мешаванд:

- фарзандон, бародарон, хоҳарон ва наберагони ноболиғе, ки падару модари қобили меҳнат надоранд ва дар шӯъбаи рӯзонаи муассисаҳои таълимии тамоми намудҳо, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ба истиснои муассисаҳои таълимии маълумоти иловагӣ таҳсил менамоянд, то анҷом додани таҳсил, аммо на калонтар аз синни 23 ё калонтар аз ин синну сол, агар онҳо то расидан ба синни 18 маъюб гардида бошанд;
- падар ё модар, бобо ё бибии саробони фавтида, новобаста ба синну сол ва қобилияти меҳнатӣ, инчунин бародар, хоҳар ё фарзанди саробони фавтида, ки ба синни 18 расидааст, ба шарте, ки онҳо фарзандон, бародарон, хоҳарон ё наберагони ба синни 14 нарасидаи саробони

фавтидаро, ки ба гирифтани нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ҳуқуқ доранд, нигоҳубин кунанд;

- падару модар ва ҳамсари саробони фавтида, ки ба синни муқаррарнамудаи қонун барои баромадан ба нафақа расидаанд ё маъюб мебошанд;
- бобо ва бибии саробони фавтида, ки ба синни нафақа расида, нафақаи суғуртавӣ намегиранд ё маъюб мебошанд ва шахси тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро таъминкунанда надоранд.

Аъзои оилаи саробони фавтида ба шарте дар таъмини ӯ дониста мешаванд, ки қаблан дар таъминоти пурраи ӯ қарор дошта ё аз ӯ мунтазам кӯмаке мегирифта бошанд, ки барои онҳо манбаи асосии рӯзгузаронӣ ҳисоб меёфт. Падару модари ғайри қобили меҳнати саробони фавтида ба шарте ба нафақа аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ҳуқуқ доранд, ки новобаста ба давраи баъди даргузашти саробон бе манбаи рӯзгузаронӣ монда бошанд. Ҳамсари ғайри қобили амали саробони фавтида ба нафақа аз рӯи маҳрум шудан аз саробон дар сурате ҳуқуқ дорад, ки агар ӯ ба нигоҳубини кӯдаки маъюб, кӯдаки маъюби аз овони кӯдакии гурӯҳи I ё кӯдаки то фавти саробон ё дар давраи то панҷ сол пас аз фавти саробони фавтида корношоямгардида машғул бошад. Аъзои оилаи саробони фавтида, ки кӯмаки ӯ барои онҳо доимӣ ва манбаи асосии рӯзгузаронӣ буд, вале худашон ҳам ягон намуди нафақа мегирифтанд, ҳуқуқ доранд, ки ба нафақа аз рӯи маҳрум шудан аз саробон гузаранд. Фарзандхондагон дар баробари падару модар ва ба фарзандӣ қабулшудагон дар баробари фарзандони ҳамхун ба гирифтани нафақа ҳуқуқ доранд. Фарзандони ноболиғ, ки аз рӯи маҳрум шудан аз

саробон нафақа мегиранд, дар ҳолати ба фарзандӣ қабул шуданашон низ аз ин ҳуқуқ бенасиб намегарданд. Нафақае, ки бинобар вафоти ҳамсар таъин гардидааст, баъд аз ақди никоҳи нави нафақагир ҳам боқӣ мемонад. Дар ҳолати фавтидани шахси суғурташуда то ба ӯ таъин гардидани нафақаи суғуртавии аз рӯи синну сол ё то бозҳисобӣ кардани андозаи нафақаи мазкур маблағи дар суратҳисоби инфиродии ӯ ба ҳисоб гирифташуда бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ворисони ӯ ва ё тибқи васияти ӯ пардохт карда мешавад. Далели дар таъминоти саробони суғурташудаи фавтида қарор доштан бо маълумотномае, ки аз тарафи идораи манзилӣ ё мақомоти худидоракунии шаҳрак ё деҳоти ҷои зисти шахси дар таъминоти саробони фавтида қарордошта дода шудааст, тасдиқ карда мешавад.

***Андозаи нафақа, мӯҳлати пардохт ва усули пардохти он***

Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон барои ҳар як узви оилаи бесаробонмонда, ки ба нафақа аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ҳуқуқ дорад, бо ҳиссаи баробар (вобаста ба теъдоди аъзои оила, ки талаби гирифтани нафақаро доранд) аз нафақаи суғуртавӣ, ки саробон дар ҳолати суғуртавӣ ба гирифтани он ҳуқуқ дошт, ҳисоб карда мешавад. Нафақаи суғуртавӣ барои кӯдакони аз падару модар маҳрумшуда ба андозаи нафақаи суғуртавие, ки ҳар ду саробон дар ҳолати суғуртавӣ ба гирифтани он ҳуқуқ доштанд, ҳисоб карда мешавад. Нафақа наметавонад аз андозаҳои зерин кам бошад:

а) бо назардошти собиқаи суғуртавии пурраи саробони фавтида:

- барои як узви корношоями оила - 100 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;
- барои ду узви корношоями оила - 150 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;
- барои се ва зиёда аз он узви корношоями оила - 200 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида.

б) бо назардошти собиқаи суғуртавии нопурраи саробони фавтида:

- барои як узви корношоями оила - 70 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;
- барои ду узви корношоями оила - 105 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;
- барои се ва зиёда аз он узви корношоями оила - 140 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида.

Нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ба кӯдакони аз падару модар маҳрумшуда наметавонад аз андозаҳои зерин кам бошад:

а) бо назардошти собиқаи суғуртавии пурраи саробони фавтида:

- барои як узви корношоями оила - 150 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;
- барои ду узви корношоями оила - 200 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида;
- барои се ва зиёда аз он аъзои корношоями оила - 250 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида.

б) бо назардошти собиқаи суғуртавии нопурраи саробони фавтида:

- барои як узви корношоями оила - 100 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқаррааргардида;
- барои ду узви корношоями оила - 150 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқаррааргардида;
- барои се ва зиёда аз он аъзои корношоями оила - 200 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқаррааргардида.

***Эзоҳ:** Тибқи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.08.2013, №1493 ва аз 06.06.2016, №697 андозаи нафақаи заминавӣ ба 156 сомонӣ баробар аст.*

Андозаи нафақа, ки вафоти саробон бар асари иҷрои ӯҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ аз рӯи даъват фаро расидааст, наметавонад аз 150 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқаррааргардида барои ҳар як узви корношоями оила кам бошад. Бо хоҳиши яке аз аъзои оила, ки нафақа аз рӯи маҳрум шудан аз саробон мегирад, ҳиссаи ӯ аз нафақаи суғуртавии ба оила таъиншуда метавонад ҷудо карда шавад. Нафақа барои даврае, ки тӯли он аъзои оилаи саробони фавтида корношоям дониста мешавад ва тибқи қонун ба нафақа барои маҳрум шудан аз саробон ҳуқуқ дорад, таъин карда мешавад. Нафақа аз ҷониби раёсати (шӯъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи ҷои истиқомати шахси барои нафақа муроҷиаткарда таъин гардида, тавассути сохторҳои маҳаллии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” пардохт карда мешавад. Дар мавриди дигар шудани ҷои истиқомати нафақагир нафақа дар ҷои истиқомати нав, дар асоси асноди нафақавӣ ва ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ, ки бо тартиби

муқарраргардида аз ҷониби мақомоти бақайдгирӣ дода шудаанд, дастрас ва пардохт карда мешавад. Нафақа шахсан ба намояндаи қонунии узви оилаи бесаробонмонда пардохт карда мешавад ё ба суратҳисоби бонкӣ, ки дар аризаи нафақагир нишон дода шудааст, гузаронида мешавад. Нафақа, новобаста ба гирифтани музди меҳнат ва дигар даромадҳо, бе маҳдудият пардохт карда мешавад. Ба кӯдаконе, ки аз падар ё модар маҳрум гардида, дар таъминоти пурраи давлатӣ мебошанд, нафақа ба андозаи 50 фоизи нафақаи таъингардида, вале на камтар аз 25 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқарраргардида пардохт карда мешавад. Ба нафақагироне, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ қарор доранд, нафақа ба андозаи пурра пардохт карда мешавад. Нафақа метавонад дар асоси ваколатномае, ки бо тартиби муқарраргардида дода шудааст, ба мӯҳлати на зиёда аз шаш моҳ пардохт карда шавад. Ба шахсоне, ки ба онҳо нафақа бо сабаби вафоти яке аз волидайн таъин карда шудааст ва пас аз чанд мӯҳлат саробони дигар низ вафот мекунад, андозаи нафақаи суғуртавие, ки саробон дар ҳолати суғуртавӣ ба гирифтани он ҳуқуқ дошт, ҳисоб карда мешавад ва бо ҳиссаи баробар ба теъдоди аъзои ғайри қобили меҳнати оила таъин карда мешавад, яъне нафақаи муайянгардида ба андозаи нафақаи амалкунанда, ки аъзои ғайри қобили меҳнати оила мегирифтанд, ҷамъ карда мешавад. Нафақаи кӯдакони то синни 18-солаи аз волидайн маҳрумшуда ва кӯдакони модари (падари) яккаву танҳои фавтида, инчунин кӯдаконе, ки аз парастории волидайн маҳрум шудаанд ва дар муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла мактаб-интернатҳо, хонаҳои кӯдакон ва дигар муассисаҳои тахти таъминоти пурраи давлатӣ қарор доранд ва гирандаи нафақа барои маҳрум шудан аз саробон мебошанд, бо роҳи интиқоли ҳармоҳаи маблағи нафақа аз ҷониби сохтори Агентӣ дар

маҳалли ҷойгиршавии муассисаи таълимӣ ба суратҳисоби депозитии дар Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" барои кӯдак ба таври инфиродӣ кушодашуда, амалӣ карда мешавад.

***Муасисаҳои давлатӣ, ки дар сатҳи маҳал вобаста ба ин нафақа вазифадор ҳастанд***

Раёсату шӯъбаҳои Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо.

Сохторҳои маҳаллии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” дар шаҳру ноҳияҳо.

***Номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ***

Барои таъини нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ариза аз рӯи шакли муқарраршуда;
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, синну сол, ҷойи истиқомат ва мансубияти шаҳрвандии муроҷиаткунанда;
- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи собиқаи корӣ ва собиқаи суғуртавӣ;
- нусхаи шаҳодатнома дар бораи додани рақами мушаххаси суғуртавӣ ба саробони фавтида;
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи маълумоти олӣ ё миёнаи касбии саробони фавтида;
- нусхаи хати вафоти саробон;
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи муносибати хешовандии муроҷиаткунанда бо саробони фавтида;

- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи муносибати хешовандии аъзои ғайри қобили меҳнати оила бо саробони фавтида;
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи таҳсили аъзои ғайриқобили меҳнати оила дар муассисаи таълимии таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳсили рӯзона);
- маълумотномаи тасдиқкунандаи ҷойи зисти доимии муроҷиаткунанда;
- ду дона расми 3х4.

Дар сурати зарурӣ ба аризаи шахси муроҷиаткунанда барои таъини нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ҳуҷҷатҳои зерин замима карда мешаванд:

- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ваколатҳои намояндаи қонунӣ (падархонд ё писархонд, падарандар ё модарандар, васӣ ё парастор);
- вафоти дигар волидайн;
- муқаррар гардидани маъюбӣ ба шахсе, ки барои таъини нафақа муроҷиат намудааст;
- бе ному нишон гум шудани саробон.

***Раванди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо***

Барои таъини нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон намояндаи қонунии аъзои ғайриқобили меҳнати оилаи саробони фавтида, ки дар таъминоти ӯ қарор доштанд, метавонад ба раёсати (шӯъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи маҳалли зист ҳуҷҷатҳои дар боло номбаршударо пешниҳод намояд. Раёсати (шӯъбаи) Агентӣ дар муддати 30 рӯзи баъди қабули ариза масъалаи таъини нафақаро баррасӣ намуда, қарор мебарорад. Ҳангоми рад гардидани ариза дар бораи таъини нафақа сохтори дахлдори

Агентӣ дар давоми 10 рӯзи баъди қабули чунин қарор аз натиҷаи он аризадиҳандаро огоҳ менамояд. Нафақа аз рӯзи пайдо намудани ҳуқуқ ба чунин нафақа, яъне аз рӯзи фавти саробон таъин карда мешавад, агар муроҷиат на дертар аз 6 моҳи баъди фавти саробон сурат гирифта бошад. Дар сурате, ки аз рӯзи фавти саробон зиёда аз 6 моҳ гузашта бошад, нафақа аз рӯзи муроҷиат таъин карда мешавад. Нафақае, ки бинобар бе ному нишон гум шудани саробон таъин мегардад, аз рӯзи бе ному нишон гумшуда эътироф гардидани саробон таъин карда мешавад, агар муроҷиат на дертар аз 6 моҳ аз рӯзи бе ному нишон гумшуда эътироф гардидани саробон сурат гирифта бошад. Нафақа ба аъзои оила, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна мехонанд, аммо синнашон аз 18 гузаштааст, қатъ карда мешавад. Дар сурате, ки аъзои оила пас аз расидан ба синни 18 ва хатми муассисаи таълимии таҳсилоти миёна ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (шакли рӯзонаи таҳсил) дохил шавад, нафақа дар асоси маълумотномаи тасдиққунандаи ин муассисаҳо аз рӯзи донишҷӯ шудани он таъин (барқарор) ва пардохт карда мешавад, агар маълумотнома дар давраи на дертар аз 1 моҳ пас оғози соли таҳсил пешниҳод шуда бошад. Дар дигар ҳолатҳо нафақа аз рӯзи пешниҳоди маълумотномаи тасдиққунандаи муассисаҳои дар боло зикршуда таъин (барқарор) ва пардохт карда мешавад. Пас аз пешниҳод гардидани маълумотнома аз муассисаи таълимӣ дар мӯҳлати то 1 моҳ (30 сентябр ва 31 март) нафақаи суғуртавӣ аз барои маҳрум шудан аз саробон аз рӯзи қатъ гардидани он барқарор ва пардохт карда мешавад. Дар сурати пешниҳоди маълумотнома дар мӯҳлати дертар аз 1 моҳ, нафақа аз рӯзи муроҷиат барқарор ва пардохт карда мешавад. Нафақагироне, ки ба онҳо барои аъзои оилаи дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ

(шакли рӯзонаи таҳсил) таҳсилдошта нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон таъин гардидааст, вазифадоранд, ки барои тасдиқи таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (шакли рӯзонаи таҳсил) дар як сол ду маротиба - ба ҳолати 1 сентябр ва 1 март аз муассисаи таълимӣ маълумотнома пешниҳод намоянд. Дар сурати пешниҳод нагардидани чунин маълумотнома пардохти нафақаи суғуртавӣ барои маҳрум шудан аз саробон ба чунин аъзои оила дар мӯҳлатҳои зикршуда то пешниҳод шудани маълумотнома қатъ карда мешавад.

## Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон

***Санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки пардохт намудани нафақаро пешбинӣ менамояд***

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз 12.01.2010, №595 (моддаи 27).
- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.08.2013, №1493 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия», аз 06.06.2016, №697 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ,

кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия».

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.03.2013, №90 «Дар бораи Тартиби муроҷиат барои таъини нафақа ва пешбурди ҳуҷҷатҳои нафақавӣ».
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.03.2013, №91 «Дар бораи Тартиби пардохти нафақа ба кӯдаконе, ки дар таъминоти пурраи давлат мебошанд».
- Фармоиши Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.02.2016, №11 «Дар бораи тартиби таъин ва пардохти нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ».

### *Кӣ соҳиби нафақа шуда метавонад? Шартҳои таъин намудани нафақа*

Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ба кӯдаконе, ки то синни 18 (барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимии шакли рӯзона то синни 23) аз як ё ҳарду саробон (падар ё модар) маҳрум шудаанд ва мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи гирифтани нафақаи суғуртавии бо сабаби маҳрум шудан аз саробонро надоранд, дода мешавад. Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон аз рӯзи пайдо намудани ҳуқуқ ба чунин нафақа, яъне аз рӯзи фавти саробон таъин карда мешавад, агар муроҷиат на дертар аз 6 моҳи баъди фавти саробон сурат гирифта бошад. Дар сурате, ки аз рӯзи фавти саробон зиёда аз 6 моҳ гузашта бошад, нафақа аз рӯзи муроҷиат таъин карда мешавад. Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон, ки бинобар бе ному нишон гум шудани саробон таъин мегардад, аз рӯзи бе ному нишон гумшуда эътироф гардидани саробон аз ҷониби

мақомоти Агентӣ таъин карда мешавад, агар муроҷиат на дертар аз 6 моҳ аз рӯзи бе ному нишон гумшуда эътироф гардидани саробон сурат гирифта бошад. Дар сурате, ки аз рӯзи бе ному нишон гумшуда эътироф гардидани саробон зиёда аз 6 моҳ гузашта бошад, дар ин маврид нафақа аз рӯзи муроҷиат таъин карда мешавад.

Нафақа барои даврае, ки тӯли он аъзои оилаи саробони фавтида корношоям дониста мешавад ва тибқи қонун ба нафақа барои маҳрум шудан аз саробон ҳуқуқ дорад, таъин карда мешавад. Нафақаи иҷтимоӣ барои маҳрум шудан аз саробон ба аъзои оила, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна мехонанд, аммо синнашон аз 18 гузаштааст, қатъ карда мешавад. Дар сурате, ки аъзои оила пас аз расидан ба синни 18 ва хатми муассисаи таълимии таҳсилоти миёна ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (шакли рӯзонаи таҳсил) дохил шавад, нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон дар асоси маълумотномаи тасдиққунандаи ин муассисаҳо аз рӯзи донишҷӯ шудани он таъин (барқарор) ва пардохт карда мешавад, агар маълумотнома дар давраи на дертар аз 1 моҳ пас аз оғози соли таҳсил пешниҳод шуда бошад. Дар дигар ҳолатҳо нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон аз рӯзи пешниҳоди маълумотномаи тасдиққунандаи муассисаҳои дар боло зикршуда таъин (барқарор) ва пардохт карда мешавад.

Нафақагироне, ки ба онҳо барои аъзои оилаи дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (шакли рӯзонаи таҳсил) таҳсилдошта нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон таъин гардидааст, вазифадоранд, ки барои тасдиқи таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ

(шакли рӯзонаи таҳсил) дар як сол ду маротиба - ба ҳолати 1 сентябр ва 1 март аз муассисаи таълимӣ маълумотнома пешниҳод намоянд. Дар сурати пешниҳод нагардидани чунин маълумотнома пардохти нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ба чунин аъзои оила дар мӯҳлатҳои зикршуда то пешниҳод шудани маълумотнома қатъ карда мешавад. Пас аз пешниҳод гардидани маълумотнома аз муассисаи таълимӣ дар мӯҳлати то 1 моҳ (30 сентябр ва 31 март) нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон аз рӯзи қатъ гардидани он барқарор ва пардохт карда мешавад. Дар сурати пешниҳоди маълумотнома дар мӯҳлати дертар аз 1 моҳ, нафақа аз рӯзи муроҷиат барқарор ва пардохт карда мешавад.

### *Андозаи нафақа, мӯҳлати пардохт ва усули пардохти он*

Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ба андозаи зерин таъин карда мешавад:

- ба кӯдакони то 18-сола, ки аз падар ё модар маҳрум шудаанд (донишҷӯёни муассисаҳои таълимии шакли рӯзона - то хатми таълимгоҳҳои мазкур, вале на калонтар аз синни 23), барои як кӯдак 60 фоиз, барои ду кӯдак - 90 фоиз, барои се ва зиёда аз он кӯдак - 120 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқаррааргардида;
- ба кӯдаконе, ки аз падару модар маҳрум шудаанд (донишҷӯёни муассисаҳои таълимии шакли рӯзона - то хатми таълимгоҳҳои мазкур, вале на калонтар аз синни 23), барои як кӯдак - 100 фоиз, барои ду кӯдак - 150 фоиз, барои се ва зиёда аз он кӯдак - 200 фоизи андозаи нафақаи заминавии муқаррааргардида;

- нафақаи иҷтимоӣ бо сабаби маҳрум шудан аз саробон ба ҳар як узви ғайриқобили меҳнати оилаи хизматчии ҳарбии фавтида, ки хизмати ҳарбиро аз рӯи даъват адо намудааст, ба андозаи 100 фоизи нафақаи заминавии муқарраршуда таъин карда мешавад.

Андозаи нафақаҳо ба истиқоматкунандагони ноҳияҳое, ки ба музди меҳнаташон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон коэффитсиенти ноҳиявӣ муқаррар гардидааст, дар тамоми давраи зиндагӣ дар ин ноҳияҳо бо истифодаи коэффитсиенти ноҳиявии муқараршуда муайян карда мешавад.

Нафақа аз ҷониби мақомоти Агентии ҷои истиқомати намояндаи қонунии шахси бесаробон тавассути сохторҳои маҳаллии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" пардохт карда мешавад. Нафақа шахсан ба намояндаи қонунии маъюб пардохт карда мешавад ё ба суратҳисоби бонкӣ, ки дар аризаи нафақагир нишон дода шудааст, гузаронида мешавад.

Нафақаи кӯдакони то синни 18-солаи аз волидайн маҳрумшуда ва кӯдакони модари (падари) яккаву танҳои фавтида, инчунин кӯдаконе, ки аз парастории волидайн маҳрум шудаанд ва дар муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла мактаб-интернатҳо, хонаҳои кӯдакон ва дигар муассисаҳои тахти таъминоти пурраи давлатӣ қарор доранд ва гирандаи нафақа барои маҳрум шудан аз саробон мебошанд, бо роҳи интиқоли ҳармоҳаи маблағи нафақа аз ҷониби сохтори Агентӣ дар маҳалли ҷойгиршавии муассисаи таълимӣ ба суратҳисоби депозитии дар Амонатбонк барои кӯдак ба таври инфиродӣ кушодашуда, амалӣ карда мешавад.

***Муасисаҳои давлатӣ, ки дар сатҳи маҳал вобаста ба ин нафақа вазифадор ҳастанд***

Раёсату шӯъбаҳои Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо.

Сохторҳои маҳаллии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” дар шаҳру ноҳияҳо.

***Номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ***

Барои гирифтани нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ариза аз рӯи шакли муқарраршуда;
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, синну сол, ҷойи истиқомат ва мансубияти шаҳрвандии муроҷиаткунанда;
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, синну сол, ҷойи истиқомат ва мансубияти шаҳрвандии муроҷиаткунанда;
- нусхаи хати вафоти саробон;
- маълумот оид ба муносибати хешовандӣ бо саробони фавтида;
- маълумот оид ба муносибати хешовандии аъзои ғайри қобили меҳнати оила бо саробони фавтида;
- маълумот оид ба муносибати хешовандии аъзои оила, ки дар муассисаи таълимии таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳсили рӯзона) таҳсил менамояд, бо саробони фавтида;
- маълумотномаи тасдиққунандаи ҷойи зисти доимӣ;
- ду дона расми 3x4.

Дар сурати зарурӣ ба аризаи шахси муроҷиаткунанда барои таъини нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ин ҳолатҳо низ замима карда мешаванд:

- ваколатҳои намояндаи қонунӣ (падархонд ё писархонд, падарандар ё модарандар, васӣ ё парастор);
- фавти дигар волидайн;
- муқаррар гардидани маъюбӣ ба шахсе, ки барои таъини нафақа муроҷиат намудааст;
- бе ному нишон гум шудани саробон.

***Раванди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо***

Барои таъини нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон намояндаи қонунии аъзои оилаи бесаробон метавонад ба раёсати (шӯъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи маҳалли зист ҳуҷҷатҳои дар боло номбаршударо пешниҳод намояд. Мақомоти дахлдори Агентӣ шартҳои таъин намудани нафақаҳои иҷтимоиро ба муроҷиаткунанда пурра мефаҳмонад, инчунин ба ҷамъ овардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба ӯ мусоидат менамояд. Мақомоти Агентӣ ҳуқуқ доранд, ки аз аризадиҳанда ва ё шахсе, ки ӯро намояндагӣ мекунад, пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои зарурӣро барои муқаррар намудани нафақаҳои иҷтимоӣ талаб намояд, дар ҳолатҳои зарурӣ санҷиши мутақобила гузаронад, санҷиши воқеият ва асоснокии ҳуҷҷатҳоро анҷом диҳад. Ҳуҷҷатҳо барои муқаррар намудани нафақаи иҷтимоӣ аз тарафи мақомоти дахлдори Агентӣ дар давоми сӣ рӯзи бақайдгирии ариза баррасӣ карда мешаванд. Ҳангоми таъин намудани нафақаҳои иҷтимоӣ қарори мақомоти дахлдори Агентӣ қабул гардида, ба шаҳрвандон шаҳодатномаи шаклаш муқарраргардида дода мешавад. Дар сурати рад

шудани таъини нафақа ҷавоби хаттӣ бо нишон додани сабабҳои он ба аризадиҳанда пешниҳод мешавад. Шаҳрвандон метавонанд аз қарори мақомоти Агентӣ ба мақомоти судӣ шикоят намоянд.

## Нафакаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ

***Санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки пардохт намудани нафақаро пешбинӣ менамояд***

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз 12.01.2010, №595 (моддаи 27).
- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.08.2013, №1493 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия».
- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.06.2016, №697 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия».
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.03.2013, №90 «Дар бораи Тартиби мурочиат

барои таъини нафақа ва пешбурди ҳуҷҷатҳои нафақавӣ».

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.03.2013, №91 «Дар бораи Тартиби пардохти нафақа ба кӯдаконе, ки дар таъминоти пурраи давлат мебошанд».
- Фармоиши Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.02.2016, №11 «Дар бораи тартиби таъин ва пардохти нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ».

***Кӣ соҳиби нафақа шуда метавонад? Шартҳои таъин намудани нафақа***

Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ ба маъюбони гурӯҳҳои I, II ва ё III, аз ҷумла маъюбон аз овони кӯдакӣ, ки ба нафақаи суғуртавӣ ҳуқуқ надоранд, инчунин кӯдакони маъюби то синни 18-сола таъин карда мешавад. Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ дар асоси маълумотномаи Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ таъин карда мешавад. Нафақа аз рӯзи муқаррар гардидани гурӯҳи маъюбӣ, таъин карда мешавад, агар муроҷиат на дертар аз се моҳ аз рӯзи муқаррар гардидани маъюбӣ сурат гирифта бошад. Дар сурате, ки аз рӯзи муқаррар гардидани маъюбӣ зиёда аз се моҳ гузашта бошад, нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ аз рӯзи муроҷиат таъин карда мешавад.

Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ ба андозаи 100 фоизи нафақаи заминавӣ ба шахсони зерин таъин карда мешавад:

- ба маъюбони гурӯҳи I;
- ба маъюбони гурӯҳҳои I ва II аз овони кӯдакӣ;
- ба кӯдакони маъюби то синни 18-сола;

- ба маъюбони гурӯҳҳои I ва II дар натиҷаи осеби ҳарбӣ ба хизматчиёни ҳарбие, ки хизмати ҳарбиро аз рӯи даъват адо намудаанд.

Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ ба андозаи 60 фоизи нафақаи заминавӣ ба шахсони зерин таъин карда мешавад:

- ба маъюбони гурӯҳҳои II ва III;
- ба маъюбони гурӯҳи III аз овони кӯдакӣ.

Ба маъюбони гурӯҳи III дар натиҷаи осеби ҳарбӣ ба хизматчиёни ҳарбие, ки хизмати ҳарбиро аз рӯи даъват адо намудаанд, нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ ба андозаи 80 фоизи нафақаи заминавӣ таъин карда мешавад.

Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ барои давраи корношоямии шахс, ки Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ муқаррар намудааст, таъин карда мешавад.

Нафақагироне, ки ба онҳо барои аъзои оилаи дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (шакли рӯзонаи таҳсил) таҳсилдошта нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон таъин гардидааст, вазифадоранд, ки барои тасдиқи таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (шакли рӯзонаи таҳсил) дар як сол ду маротиба - ба ҳолати 1 сентябр ва 1 март аз муассисаи таълимӣ маълумотнома пешниҳод намоянд. Дар сурати пешниҳод нагардидани чунин маълумотнома пардохти нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ба чунин аъзои оила дар мӯҳлатҳои зикршуда то пешниҳод шудани маълумотнома қатъ карда мешавад. Пас аз пешниҳод гардидани маълумотнома аз

муассисаи таълимӣ дар мӯҳлати то 1 моҳ (30 сентябр ва 31 март) нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон аз рӯзи қатъ гардидани он барқарор ва пардохт карда мешавад. Дар сурати пешниҳоди маълумотнома дар мӯҳлати дертар аз 1 моҳ, нафақа аз рӯзи муроҷиат барқарор ва пардохт карда мешавад.

### *Андозаи нафақа, мӯҳлати пардохт ва усули пардохти он*

Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ ба андозаи 100 фоизи нафақаи заминавӣ ба шахсони зерин таъин карда мешавад:

- ба маъюбони гурӯҳи I;
- ба маъюбони гурӯҳҳои I ва II аз овони кӯдакӣ;
- ба кӯдакони маъюби то синни 18-сола;
- ба маъюбони гурӯҳҳои I ва II дар натиҷаи осеби ҳарбӣ ба хизматчиёни ҳарбие, ки хизмати ҳарбиро аз рӯи даъват адо намудаанд.

Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ ба андозаи 60 фоизи нафақаи заминавӣ ба шахсони зерин таъин карда мешавад:

- ба маъюбони гурӯҳҳои II ва III;
- ба маъюбони гурӯҳи III аз овони кӯдакӣ.

Ба маъюбони гурӯҳи III дар натиҷаи осеби ҳарбӣ ба хизматчиёни ҳарбие, ки хизмати ҳарбиро аз рӯи даъват адо намудаанд, нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ ба андозаи 80 фоизи нафақаи заминавӣ таъин карда мешавад.

Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ барои давраи корношоямии шахс, ки Хадамоти давлатии ташхиси

тиббию иҷтимоӣ муқаррар намудааст, таъин карда мешавад.

Андозаи нафақаҳо ба истиқоматкунандагони ноҳияҳое, ки ба музди меҳнаташон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон коэффитсиенти ноҳиявӣ муқаррар гардидааст, дар тамоми давраи зиндагӣ дар ин ноҳияҳо бо истифодаи коэффитсиенти ноҳиявии муқараршуда муайян карда мешавад.

Нафақа аз ҷониби мақомоти Агентии ҷои истиқомати маъюб тавассути сохторҳои маҳаллии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" пардохт карда мешавад. Нафақа шахсан ба маъюб ва ё намояндаи қонунии маъюб пардохт карда мешавад ё ба суратҳисоби бонкӣ, ки дар аризаи нафақагир нишон дода шудааст, гузаронида мешавад.

Нафақаи кӯдакони то синни 18-солаи аз волидайн маҳрумшуда ва кӯдакони модари (падари) яккаву танҳои фавтида, инчунин кӯдаконе, ки аз парастории волидайн маҳрум шудаанд ва дар муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла мактаб-интернатҳо, хонаҳои кӯдакон ва дигар муассисаҳои таҳти таъминоти пурраи давлатӣ қарор доранд ва гирандаи нафақа барои маҳрум шудан аз саробон мебошанд, бо роҳи интиқоли ҳармоҳаи маблағи нафақа аз ҷониби сохтори Агентӣ дар маҳалли ҷойгиршавии муассисаи таълимӣ ба суратҳисоби депозитии дар Амонатбонк барои кӯдак ба таври инфиродӣ кушодашуда, амалӣ карда мешавад.

***Муасисаҳои давлатӣ, ки дар сатҳи маҳал вобаста ба ин кумакпӯлӣ вазифадор ҳастанд***

Раёсату шӯъбаҳои Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо.

Сохторҳои маҳаллии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" дар шаҳру ноҳияҳо.

***Номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ***

Барои таъини нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ариза аз рӯи шакли муқарраршуда;
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, синну сол, ҷойи истиқомат ва мансубияти шаҳрвандӣ;
- маълумотномаи тасдиқкунандаи ҷойи зисти доимӣ;
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи муқаррар гардидани маъюбӣ аз Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ;
- ду дона расми 3х4.

Дар сурате, ки нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маъюбӣ ба кӯдакони то синни 16-сола таъин карда шавад, дар ин маврид, ба ариза ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои номбаргардида, инчунин ҳуҷҷатҳои зерини шахсе, ки асноди нафақавӣ ба номи ӯ ба расмият даровварда мешавад, пешниҳод карда мешаванд:

- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, синну сол, ҷойи истиқомат ва мансубияти шаҳрвандӣ;
- маълумотномаи тасдиқкунандаи ҷойи зисти доимӣ;

- ду дона расми 3х4;
- дар сурати зарурӣ ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ваколатҳои намояндаи қонунӣ (падархонд ё писархонд, падарандар ё модарандар, васӣ ё парастор).

***Раванди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо***

Барои таъини нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон намояндаи қонунии аъзои оилаи бесаробон метавонад ба раёсати (шӯъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи маҳалли зист ҳуҷҷатҳои дар боло номбаршударо пешниҳод намояд. Мақомоти дахлдори Агентӣ шартҳои таъин намудани нафақаҳои иҷтимоиро ба муроҷиаткунанда пурра мефаҳмонад, инчунин ба ҷамъ овардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба ӯ мусоидат менамояд. Мақомоти Агентӣ ҳуқуқ доранд, ки аз аризадиҳанда ва ё шахсе, ки ӯро намояндагӣ мекунад, пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои заруриро барои муқаррар намудани нафақаҳои иҷтимоӣ талаб намояд, дар ҳолатҳои зарурӣ санҷиши мутақобила гузаронад, санҷиши воқеият ва асоснокии ҳуҷҷатҳоро анҷом диҳад. Ҳуҷҷатҳо барои муқаррар намудани нафақаи иҷтимоӣ аз тарафи мақомоти дахлдори Агентӣ дар давоми сӣ рӯзи бақайдгирии ариза баррасӣ карда мешаванд. Ҳангоми таъин намудани нафақаҳои иҷтимоӣ қарори дахлдори мақомоти дахлдори Агентӣ қабул гардида, ба шаҳрвандон шаҳодатномаи шаклаш муқарраргардида дода мешавад. Дар сурати рад шудани таъини нафақа ҷавоби хаттӣ бо нишон додани сабабҳои он ба аризадиҳанда пешниҳод мешавад. Шаҳрвандон метавонанд аз қарори мақомоти Агентӣ ба мақомоти судӣ шикоят намоянд.

# II. КӮМАКПУЛИҲОИ ИҶТИМОӢ, КИ БА ОИЛАҲО ПАРДОХТ КАРДА МЕШАВАНД

## Кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат

***Санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки пардохт намудани кӯмакпулиро пешбинӣ менамояд***

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ » аз 24.02.2017, №1396.
- Қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷорӣ намудани механизми таҷрибавии кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат.

***Кӣ соҳиби кӯмакпулӣ шуда метавонад? Шартҳои таъин намудани нафақа***

Ба оилаҳо ва шаҳрвандоне, ки тибқи қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон камбизоат дониста мешаванд, кӯмакпулӣ пардохт карда мешавад. Кӯмакпулӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоате, ки вазъи некӯаҳволии онҳо ба талаботи меъёрҳои дар Методикаи муайян намудани оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат муқарраргардида мувофиқат мекунад, таъин ва пардохт карда мешавад. Оилаи камбизоат онҳое ҳисобида мешаванд, ки дар муносибатҳои хешутаборӣ қарор дошта, якҷоя зиндагӣ мекунанд, рӯзгори муштаракро пеш бурда, моликияти умумиро

истифода мебаранд ва барои мустақилона аз шароити душвори зиндагӣ баромадан имконият надоранд. Ба шаҳрвандони яккаву танҳои пиронсол, ки дар шароити душвори зиндагӣ қарор доранд, кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ ба тариқи истисно таъин ва пардохт карда мешавад. Шахсони яккаву танҳои пиронсол онҳое ҳисобида мешаванд, ки ба синну соли нафақа расида (занҳо аз 58-сола ва мардҳо аз 63- сола боло), талаботи худро мустақилона таъмин карда наметавонанд ва дар ҳудуди ҷумҳурӣ хешу табори наздики қобили меҳнат надоранд. Ба оилаҳои дар ҳайати худ ду ва ё зиёда маъюбдошта, инчунин ба падару модари танҳо, ки кӯдаки маъюбро тарбия мекунанд, ҳангоми муайян намудани нишондиҳандаи умумии сатҳи зиндагии оила бартарӣ дода мешавад.

***Андозаи кӯмакпулӣ, мӯҳлати пардохт ва усули пардохти он***

Андозаи кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ барои як оила (шаҳрванд) дар як сол 400 (чорсад) сомониро ташкил дода, ҳар семоҳа дар ҳаҷми 100 (сад) сомонӣ пардохт карда мешавад. Пардохти кӯмакпулӣ ба таври нақдӣ ё интиқоли маблағ ба суратҳисоби махсуси бонкии (депозитии) шаҳрванд, инчунин бо истифода аз кортҳои пластикии пардохтии бонкӣ тавассути марказҳои хизматрасонии филиали Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" дар маҳалли зисти аризадиҳанда анҷом дода мешавад. Маблағи кумакпулии унвонии иҷтимоие, ки сари вақт бо айби сардори оила ё шаҳрванди камбизоат гирифта нашудааст, дар моҳҳои минбаъда пардохт карда мешавад. Агар кумакпулии таъингардида дар мӯҳлати 1 соли баъди таъин намудан гирифта нашуда бошад, маблағи пардохтнашуда аз ҷониби Амонатбонк ба суратҳисоби Агентӣ баргардонида мешавад. Агентӣ

ҳар моҳ рӯйхати электронии ном ба номи гирандагони кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ, инчунин руйхати ном ба номи шаҳрвандонеро, ки бори аввал кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ мегиранд, ба Амонатбонк бо мактуби ҳамроҳикунанда пешниҳод менамояд. Амонатбонк дар давоми 5 рӯзи корӣ бо тартиби муқарраргардида дар асоси рӯйхатҳои ном ба номи пешниҳодшуда:

- ба номи ҳар як гирандаи кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ суратҳисоби шахсӣ (дар ҳолати бори аввал таъин гардидани кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ) кушода, ба он маблағи воридшударо мегузаронад;
- бо хоҳиши гирандаи кӯмакпулӣ барои интиқоли маблағи кӯмакпулӣ суратҳисоби депозитӣ мекушояд;
- дар ҳолати қатъ гардидани пардохти кӯмакпулӣ суратҳисоби кӯмакгирандаро мебандад.

Дар сурати зарурат маблағи кӯмакпулӣ бо дархости мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоӣ аз ҷониби шахси ваколатдори маркази хизматрасонии филиали Амонатбонк ба ҷои зисти эҳтиёҷманд расонида мешавад. Дар сурати беморӣ ё муваққатан дар истиқомати доимии худ набудани сардори оила, маблағи кӯмакпулиро метавонад шахси мӯътамади ӯ дар асоси ваколатнома гирад.

***Муасисаҳои давлатӣ, ки дар сатҳи маҳал вобаста ба ин кумакпӯлӣ вазифадор ҳастанд***

Шӯъбаю бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо.

Ҷамоатҳои шаҳраку деҳот.

Идораҳои манзилию коммуналӣ.

Кумитаҳои маҳаллӣ.

Сохторҳои маҳаллии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк” дар шаҳру ноҳияҳо.

***Номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ***

- ариза дар бораи таъин намудани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ;
- нусхаи шиносномаи аризадиҳанда (асли он ҳангоми супоридани ариза нишон дода мешавад);
- маълумотнома дар бораи ҳайати оилаи камбизоат;
- маълумот дар бораи даромад ва молу мулки ҳамаи аъзои оила.

***Раванди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо***

Барои гирифтани кӯмакпулӣ сардорони оилаҳое, ки худро камбизоат шуморида, бо сабабҳои объективӣ дар шароити душвори зиндагӣ қарор доранд ва имконияти аз ин ҳолат мустақилона баромаданро надоранд метавонанд барои гирифтани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ ба ҷамоати шаҳраку деҳот, идораи манзилию коммуналӣ ва ё кумитаи маҳаллии маҳалли истиқоматашон аризаи шаклаш муқарраргардида ба шӯъбаю бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ё ноҳияи таҷрибавӣ, нусхаи шиносномаи аризадиҳанда (асли он ҳангоми супоридани ариза нишон дода мешавад), маълумотнома дар бораи ҳайати оилаи камбизоат ва маълумот дар бораи даромад ва молу мулки ҳамаи аъзои оиларо пешниҳод намоянд. Намунаи варақаҳои зарурӣ барои гирифтани кумакпулии унвонии

иҷтимоӣ, аз он ҷумла ариза дар бораи таъин намудани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ, маълумотнома дар бораи ҳайати оилаи камбизоат ва маълумот дар бораи даромад ва молу мулки ҳамаи аъзои оила аз ҷониби ҷамоати шаҳраку деҳот, идораи коммуналию манзилӣ ва ё кумитаи маҳаллии маҳалли истиқомати муроҷиаткунанда ройгон дода мешавад. Аз номи ҳамаи аъзои оила пур намудани ариза ва намунаи "Маълумот дар бораи даромад ва молу мулки аъзои оила" ваколати сардори оила мебошад. Дар ариза розигии аризадиҳанда ва аъзои оилаи ӯ оид ба ҷамъоварӣ карданн маълумоти иловагӣ дар бораи хонавода, молу мулк ва даромадҳои он, инчунин барои санҷиши маълумоти пешниҳодшуда бо мақсади қабул намудани қарори одилона роҷеъ ба таъин кардани (ё рад намудани) кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ инъикос карда мешавад. Дар сурати беморӣ ё ба мӯҳлати зиёда аз се моҳ аз маҳалли истиқомати доимӣ берун сафар кардани сардори оила, мавсуф дар аризааш бояд шахси мӯътамади худро зикр намояд, ки дар замони набудани ӯ ваколатҳояшро барои гирифтани кӯмакпулӣ кӣ ба ӯҳда мегирад. Дар сурати бо сабаби марги сардори оила қатъ гардидани кӯмакпулӣ  яке аз аъзои оилаи ӯ (агар тибқи тартиби муқарраргардида сардори оила ҳисобида шавад) метавонад барои гирифтани кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ, ки сари вақт ба сардори оила пардохт карда нашудааст, ариза пешниҳод намояд. Дар сурати якҷоя истиқомат намудани ду ва зиёда оилаҳое, ки хоҷагидориашон алоҳида аст, ҳар оила метавонад барои таъини кумакпулии унвонии иҷтимоӣ мустақилона ариза пешниҳод намояд. Дар ин ҳолат ҷамоати шаҳрак ё деҳот, идораи коммуналию манзилӣ ва кумитаҳои маҳаллӣ бояд ҳуҷҷатҳои заруриро барои гирифтани кумакпулӣ ба ҳар як оилаи мустақил алоҳида пешниҳод намоянд. Аризаи қабулгардида бо ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда дар китоби

махсуси бақайдгирии ҷамоати шаҳрак ё деҳот, идораи манзилию коммуналӣ ва ё кумитаи маҳаллӣ сабти ном гардида, ба аризадиҳанда оид ба рӯзи қабули ариза, рақами сабт ва дар мавриди зарурӣ оид ба номгӯи ҳуҷҷатҳои пешниҳоднашуда бо зикри мӯҳлате, ки онҳо бояд пешниҳод карда шаванд, огоҳинома фиристода мешавад. Ариза дар бораи таъин намудани кӯмакпулӣ, маълумотнома дар бораи ҳайати оилаи камбизоат ва маълумот дар бораи даромад ва молу мулки ҳамаи аъзои оила бо имзои раиси котиби ҷамоати шаҳрак ё деҳот ва сардори идораи манзилию коммуналӣ тасдиқ карда мешавад, ки дар доираи салоҳияти худ саҳеҳии маълумоти пешниҳодшударо месанҷанд ва ба дурустии онҳо масъул мебошанд. Ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, идораҳои манзилию коммуналӣ ва кумитаҳои маҳаллӣ аризаҳои шаҳрвандонро бо замимаҳояш қабул намуда, дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯз ба мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоӣ месупоранд. Мақоми маҳаллии ҳифзи иҷтимоӣ ариза ва маълумотнома дар бораи ҳайати оила, маълумот дар бораи даромад ва молу мулки ҳамаи аъзои оила ва мушаххасоти шиносномаи аризадиҳандаро барои муайян намудани нишондиҳандаи умумии сатҳи некӯаҳволии оила дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯз ба маҳзани ягонаи маълумоти низоми иттилоотии кумакпулии унвонии иҷтимоӣ ворид менамояд. Кумакпулӣ дар натиҷаи коркарди маълумот дар сервери марказии низоми иттилоотии барномаи кумакпулии унвонии иҷтимоӣ тибқи талаботи Методикаи муайян намудани оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат таъин ё рад карда мешавад. Қарор дар бораи таъин ё рад намудани кӯмакпулӣ дар натиҷаи коркарди маълумоти ба маҳзани ягонаи низоми иттилоотии барномаи кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ воридшуда то санаи 10 моҳи оянда қабул гардида, дар ин хусус мақоми маҳаллии ҳифзи иҷтимоӣ дар муддати 10 рӯз ба аризадиҳанда хабарномаи хаттӣ

ва ё электронӣ (паёмак) ирсол менамояд. Шаҳрвандоне, ки аз ҳуқуқи кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ бархӯрдор нагардидаанд, дар сурати тағйир ёфтани шароити зиндагӣ ва ҳайати оила, метавонанд баъд аз 6 моҳ барои гирифтани кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ такроран муроҷиат намоянд.

## Қарзи имтиёзнок ба оилаҳои муҳоҷирони экологӣ

***Санади меъёрии ҳуқуқие, ки пешниҳод намудани қарзи имтиёзнокро пешбинӣ менамояд***

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» аз 11.12.1999, №881.
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2010, №211 «Дар бораи Тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.10.2016, №506 «Дар бораи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2017-2020».

***Кӣ соҳиби қарзи имтиёзнок шуда метавонад? Шартҳои пешниҳод намудани қарзи имтиёзнок***

Қарзи имтиёзнок ба оилаҳое дода мешавад, ки аз минтақаҳои хавфноки экологӣ кӯчонида мешаванд. Ҳангоми вафот ё дар ҳолати бемории вазнин қарор доштани сардори оилаи муҳоҷири экологӣ, қарзи

имтиёзнок ба яке аз аъзои қобили меҳнати оила, ки дар шаҳодатномаи муҳоҷири экологӣ сабт шудааст, дода мешавад. Дар сурати саркашӣ намудани оилаҳои муҳоҷирони экологӣ аз кӯчидан, қарзи имтиёнок ба онҳо пардохт карда намешавад.

### *Андозаи қарзи имтиёзнок, мӯҳлати пардохт ва усули пардохти он*

Андозаи қарзи имтиёзнок 3000 (се  хазор) сомониро ташкил дода, дар давоми даҳ рӯзи баъд аз кӯчонидани муҳоҷирон тавассути сохторҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" мутобиқи шартномаҳои дуҷонибаи байни Бонк ва сардорони оилаҳои муҳоҷирони экологӣ басташуда пардохт карда мешаванд. Қарзи имтиёзнок бояд аз ҷониби муҳоҷирони экологӣ дар ҳаҷми 50 фоиз аз миқдори умумии он оғоз аз соли чоруми баъд аз гирифтани қарз дар давоми 2 сол баргардонида шавад.

### *Муассисаҳои давлатие, ки дар сатҳи маҳал вобаста ба пешниҳоди қарзи имтиёзнок вазифадор ҳастанд*

Комиссияи доимоамалкунанда дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо.

Сохторҳои маҳаллии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сохторҳои маҳаллии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сохторҳои маҳаллии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк".

***Номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ***

- нусхаи шиносномаи сардори оилаи муҳоҷири экологӣ;
- нусхаи рақами мушаххаси андозсупоранда;
- шаҳодатномаи муҳоҷири экологӣ.

***Раванди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо***

Ҳангоми аз тарафи Комиссияи доимоамалкунандаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидани рӯйхати муҳоҷирони экологӣ, ба онҳо пеш аз кӯчонидан ба мавзеи нави зист аз тарафи сохторҳои маҳаллии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодатномаи муҳоҷири экологӣ супорида мешавад. Барои гирифтани қарзи имтиёзнок сардори оилаи муҳоҷири экологӣ метавонад ба сохторҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" дар маҳалли зисти нав нусхаи шиносномаи худ, нусхаи рақами мушаххаси андозсупоранда ва шаҳодатномаи муҳоҷири экологиро пешниҳод намояд. Пас аз пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳои мазкур байни сохторҳои маҳалии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" ва сарвари оилаи муҳоҷири экологӣ шартномаи қарзӣ баста шуда, қарзи имтиёзнок пешниҳод карда мешавад.

## Кӯмаки яквақтаи моддӣ ба сардорони оилаҳои муҳоҷирони экологӣ

***Санади меъёрии ҳуқуқие, ки пардохт намудани кӯмакпулиро пешбинӣ менамояд***

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» аз 11.12.1999, №881.
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.05.2010, №211 «Дар бораи Тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.10.2016, №506 «Дар бораи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2017-2020».

***Кӣ соҳиби кӯмакпулӣ шуда метавонад?Шартҳои таъин намудани кӯмакпулӣ***

Ба сардорони оилаҳое, ки аз минтақаҳои хавфноки экологӣ кӯчонида мешаванд, кӯмаки яквақтаинаи моддӣ дода мешавад. Ҳангоми вафот ё дар ҳолати бемории вазнин қарор доштани сардори оилаи муҳоҷири экологӣ, кӯмакпулӣ ба яке аз аъзои қобили меҳнати оила, ки дар шаҳодатномаи муҳоҷири меҳнатӣ сабт шудааст, дода мешавад. Дар сурати саркашӣ намудани оилаҳои муҳоҷирони экологӣ аз кӯчидан, кӯмакпулӣ пардохт карда намешавад.

***Андозаи кӯмакпулӣ, мӯҳлати пардохт ва усули пардохти он***

Андозаи кӯмакпулии яквақта 100 (сад) сомониро ташкил дода, дар давоми даҳ рӯзи баъд аз кӯчонидани муҳоҷирон тавассути сохторҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" пардохт карда мешаванд.

***Муассисаҳои давлатие, ки дар сатҳи маҳал вобаста ба ин кӯмакпулӣ вазифадор ҳастанд***

Комиссияи доимоамалкунанда дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо.

Сохторҳои маҳаллии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҳират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сохторҳои маҳаллии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сохторҳои маҳаллии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк".

***Номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ***

- нусхаи шиносномаи сардори оилаи муҳоҷири экологӣ;
- шаҳодатномаи муҳоҷири экологӣ.

***Раванди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо***

Ҳангоми аз тарафи Комиссияи доимоамалкунандаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидани рӯйхати муҳоҷирони экологӣ, ба онҳо пеш аз кӯчонидан ба мавзеи нави зист аз тарафи сохторҳои маҳаллии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати

меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодатномаи муҳоҷири экологӣ супорида мешавад. Барои гирифтани қарзи имтиёзнок сардори оилаи муҳоҷири экологӣ метавонад ба сохторҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" дар маҳалли зисти нав нусхаи шиносномаи худ ва шаҳодатномаи муҳоҷири экологиро пешниҳод намояд. Пас аз пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳои мазкур аз ҷониби сохторҳои маҳаллии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" ба сардори оилаи муҳоҷири экологӣ кӯмакпулии яквақта пешниҳод карда мешавад.

## Кӯмаки яквақтаи моддӣ ба аъзои оилаи муҳоҷирони экологӣ

***Санади меъёрии ҳуқуқие, ки пардохт намудани кӯмакпулиро пешбинӣ менамояд***

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» аз 11.12.1999, №881.
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2010, №211 «Дар бораи Тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.10.2016, №506 «Дар бораи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2017-2020».

***Кӣ соҳиби кӯмакпулӣ шуда метавонад? Шартҳои таъин намудани кӯмакпулӣ***

Ба аъзои оилаҳое, ки аз минтақаҳои хавфноки экологӣ кӯчонида мешаванд, кӯмаки яквақтаинаи моддӣ дода мешавад. Дар сурати саркашӣ намудани оилаҳои муҳоҷирони экологӣ аз кӯчидан, кӯмакпулӣ пардохт карда намешавад.

***Андозаи кӯмакпулӣ, мӯҳлати пардохт ва усули пардохти он***

Андозаи кӯмакпулии яквақта 50 (панҷоҳ) сомониро ташкил дода, дар давоми даҳ рӯзи баъд аз кӯчонидани муҳоҷирон тавассути сохторҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" пардохт карда мешаванд.

***Муассисаҳои давлатие, ки дар сатҳи маҳал вобаста ба ин кӯмакпулӣ вазифадор ҳастанд***

Комиссияҳои доимоамалкунандаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, сохторҳои маҳаллии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк".

***Номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои пешниҳод намудан***

- нусхаи шиносномаи аъзои оилаи муҳоҷири экологӣ;
- шаҳодатномаи муҳоҷири экологӣ.

***Раванди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо***

Ҳангоми аз тарафи Комиссияи доимоамалкунандаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидани рӯйхати муҳоҷирони экологӣ, ба онҳо пеш аз кӯчонидан ба мавзеи нави зист аз тарафи сохторҳои маҳаллии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодатномаи муҳоҷири экологӣ супорида мешавад. Барои гирифтани кӯмакпулӣ аъзои оилаи муҳоҷири экологӣ метавонад ба сохторҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" дар маҳалли зисти нав нусхаи шиносномаи худ ва шаҳодатномаи муҳоҷири экологиро пешниҳод намояд. Пас аз пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳои мазкур аз ҷониби сохторҳои маҳаллии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" ба аъзои оилаи муҳоҷири экологӣ кӯмакпӯлии яквақта пешниҳод карда мешавад.

## Кӯмакпулӣ барои дафн ба аъзои оилаи камбизоат

***Санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки пардохт намудани кӯмакпӯлиропешбинӣ менамояд***

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» аз 13.12.1997, №517 (моддаи 16);
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.07.2013, №293 «Дар бораи Тартиб ва шартҳои

пардохти кӯмакпулӣ барои дафн ба аъзои оилаи камбизоат».

### *Кӣ соҳиби кӯмакпулӣ шуда метавонад? Шартҳои пардохти кӯмакпулӣ*

Кӯмакпули барои дафн (кӯмакпулии маросимӣ) ба аъзои оилаи камбизоат ё дигар шахсе, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунад ва маросими дафни шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистонро анҷом додааст, дода мешавад. Далели он ки шахси ба гирифтани кӯмакпулӣ барои дафн муроҷиатнамуда аъзои оилаи камбизоат мебошад, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ карда мешавад. Дар сурати вафоти шаҳрвандоне, ки то рӯзи вафот дар муассисаҳои давлатии хизматрасонии иҷтимоӣ, муассисаҳои таълимӣ барои кӯдакони ятиму бепарастор ва муассисаҳои ислоҳӣ таҳти таъминоти пурраи давлат қарор доштанд, агар маросими дафни онҳо аз ҷониби ин муассисаҳо анҷом дода шуда бошад, кӯмакпулӣ барои дафн пардохт карда намешавад. Маросими дафни ин гурӯҳи шаҳрвандон аз ҳисоби маблағҳои муассисаҳои мазкур амалӣ мешавад. Агар маросими дафни шаҳрвандоне, ки то рӯзи вафот дар муассисаҳои давлатии хизматрасонии иҷтимоӣ, муассисаҳои таълимӣ барои кӯдакони ятиму бепарастор ва муассисаҳои ислоҳӣ таҳти таъминоти пурраи давлат қарордошта аз ҷониби оилаи камбизоат анҷом дода шуда бошад, кӯмакпулӣ барои дафн аз ҷониби мақомоти дахлдор вобаста аз мақоми иҷтимоии шаҳрванди вафоткарда (ҳалокгардида) пардохт карда мешавад.

***Андозаи кӯмакпулӣ, мӯҳлати пардохт ва усули пардохти он***

Кӯмакпулӣ барои дафн ба аъзои оилаи камбизоат ба андозаи бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо (1100 сомонӣ) пардохт карда мешавад. Дар шаҳру ноҳияҳое, ки нисбати музди меҳнати кормандон коэффитсиентҳои ноҳиявӣ муқаррар гардидааст, андозаи кӯмакпулӣ барои дафн ба аъзои оилаи камбизоат бо дарназардошти ин коэффитсиентҳо ҳисоб ва пардохт карда мешавад. Кӯмакпулӣ барои дафн дар сурате пардохт карда мешавад, ки агар муроҷиат барои он дар мӯҳлати на дертар аз шаш моҳ пас аз рӯзи вафоти шаҳрванд сурат гирифта бошад. Рӯйхати аъзои оилаи камбизоат, ки ба онҳо кӯмакпулӣ барои дафн пардохт карда мешавад, аз ҷониби раёсатҳои (шӯъбаҳои) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияҳо (шаҳрҳо) ва бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо (шаҳрҳо) ба муассисаҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" дар ҷои истиқомати аъзои оилаи камбизоат пешниҳод гардида, аз ҷониби муассисаҳои Бонки мазкур бе ситонидани хароҷот барои хизматрасонии бонкӣ пардохт карда мешавад.

Кӯмакпулӣ ба аъзои оилаи камбизоат вобаста аз мақоми иҷтимоии шаҳрванди вафоткарда (ҳалокгардида) аз ҳисоби маблағҳои мақомоти зерин пардохт мегардад:

а) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- барои шаҳрвандони суғурташудае, ки то рӯзи вафот кор мекарданд;

- барои аъзои корношоями оилаи вафоткардаи шахси суғурташуда;
- барои шаҳрвандони муваққатан бекоре, ки то рӯзи вафот мақоми бекорӣ;
- доштанд ва кӯмакпулӣ барои бекорӣ мегирифтанд;
- барои шаҳрвандоне, ки то рӯзи вафот донишҷӯи муассисаҳои таълимии;
- таҳсилоти олӣ ва ё миёнаи касбӣ, аспирантура ва ординатура буданд;
- барои шаҳрвандоне, ки то рӯзи вафот аз Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа нафақа мегирифтанд.

б) Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо:

- барои шаҳрвандони бекоре, ки то рӯзи вафот мақоми бекорӣ надоштанд;
- ва шахсони бе ҷои зисти муайян;
- барои аъзои оилаи корношоями шаҳрвандони бекори мақоми бекорӣ;
- надошта ва аъзои оилаи корношоями нафақагирон;
- барои шаҳрвандони фавтида (ҳалокгардида), ки хизмати ҳарбиро аз рӯи даъват адо менамуданд.

***Муасисаҳои давлатӣ, ки дар сатҳи маҳал вобаста ба ин кумакпӯлӣ вазифадор ҳастанд***

Раёсатҳои (шӯъбаҳои) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияҳо (шаҳрҳо).

Бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо (шаҳрҳо).

*Номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ*

- нусхаи шиносномаи аризадиҳанда;
- маълумотномаи муассисаи тиббӣ оид ба вафоти шаҳрванд;
- маълумотномаи мақоми ваколатдор оид ба камбизоатии оилаи шахси фавтида.

*Раванди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо*

Барои гирифтани кӯмакпулӣ аъзои оилаи камбизоате, ки маросими дафни шаҳрвандони суғурташудаеро, ки то рӯзи вафот кор мекарданд, аъзои корношоями оилаи вафоткардаи шахси суғурташуда, шаҳрвандони муваққатан бекоре, ки то рӯзи вафот мақоми бекорӣ доштанд ва кӯмакпулӣ барои бекорӣ мегирифтанд, шаҳрвандоне, ки то рӯзи вафот донишҷӯи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва ё миёнаи касбӣ, аспирантура ва ординатура буданд ва шаҳрвандоне, ки то рӯзи вафот аз мақомоти Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нафақа мегирифтанд, анҷом додааст, барои гирифтани кӯмакпулӣ барои дафн бо ариза ба раёсати (шӯъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷои истиқомати худ муроҷиат менамояд. Ба ариза ҳуҷҷатҳои зерин замима карда мешаванд:

- нусхаи шиносномаи аризадиҳанда;
- маълумотномаи муассисаи тиббӣ оид ба вафоти шаҳрванд;
- маълумотномаи мақоми ваколатдор оид ба камбизоатии оилаи шахси фавтида.

Аъзои оилаи камбизоате, ки маросими дафни шаҳрвандони бекореро, ки то рӯзи вафот мақоми бекорӣ надоштанд, шахсони бе ҷои зисти муайян, аъзои оилаи корношоями шаҳрвандони бекори мақоми бекорӣ надошта, аъзои оилаи корношоями нафақагирон, шаҳрвандони фавтида (ҳалокгардида), ки хизмати ҳарбиро аз рӯи даъват адо менамуданд, анҷом додааст, барои гирифтани кӯмакпулӣ барои дафн ба бахши ҳифзи иҷимоии аҳолии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ҷои истиқомати худ бо ариза муроҷиат менамояд. Ба ариза ҳуҷҷатҳои зерин замима карда мешаванд:

- нусхаи шиносномаи аризадиҳанда;
- маълумотномаи муассисаи тиббӣ оид ба вафоти шаҳрванд;
- маълумотномаи мақоми ваколатдор оид ба камбизоатии оилаи шахси фавтида.

Ариза барои гирифтани кӯмакпулӣ барои дафн аз ҷониби мақоми дахлдор дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯзи баъди бақайдгирии он баррасӣ карда шуда, аз натиҷаи баррасӣ муроҷиаткунанда расман огоҳ карда мешавад.

# Кӯмакпулӣ барои нигоҳубини узви бемори оила

***Санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки пардохт намудани кӯмакпулиро пешбинӣ менамояд***

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» аз 13.12.1997, №517 (моддаи 12).
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.10.2014, №630 «Дар бораи Тартиб ва шартҳои пардохти кӯмакпулиҳо ҳангоми корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорию таваллуд ва кӯмакпулиҳои оилавӣ».
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.03.2013, №146 «Дар бораи Тартиби экспертизаи корношоямии муваққатии шаҳрвандон дар муассисаҳои табобатию профилактикӣ».

***Кӣ соҳиби кӯмакпулӣ шуда метавонад? Шартҳои таъин намудани кӯмакпулӣ***

Кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ барои нигоҳубини аъзои бемори оила дар ҳолате дода мешавад, ки агар набудани нигоҳубин ба ҳаёт ва саломатии бемор хатар таҳдид намояд ва ҷойгир намудани ӯ дар беморхона аз рӯи нишондодҳои тиббӣ ғайриимкон буда, дар байни аъзои оила шахси дигари қобили беморро нигоҳубин кардан набошад. Дар мавриди бемор шудани кӯдаки то синни дусола кӯмакпулӣ ба модари ӯ, новобаста аз будан ё набудани

дигар аъзои оила, ки қобилияти нигоҳубинро дорад, дода мешавад.

Кӯмакпулӣ ба шахсоне пардохт карда мешавад, ки кор мекунанд ва агар ҳуқуқ барои гирифтани онҳо дар давраи кор пайдо шуда бошад ва аз вақти барқарор гардидани коршоямӣ на зиёда аз шаш моҳ гузашта бошад.

Кӯмакпулӣ ба шахси коргар (агар модари кӯдак набошад) барои нигоҳубини кӯдаки то синни сесола ё кӯдаки маъюби то синни ҳаждаҳсола дар сурате дода мешавад, ки модари кӯдак бемор буда, кӯдакро нигоҳубин карда наметавонад.

***Андозаи кӯмакпулӣ, мӯҳлати пардохт ва усули пардохти он***

Кӯмакпулӣ барои корношоямии муввақатӣ ба андозаи зайл пардохт карда мешавад:

100 фоиз музди меҳнат:

- ба кормандон ҳангоми бардоштани осеби меҳнатӣ ё бемориҳои касбӣ;
- ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки кор мекунанд ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда;
- ба кормандоне, ки аз минтақаи олудаи радиоактивӣ дар натиҷаи садамаи Чернобил ва минтақаҳои ба онҳо баробаркардашудаи офатҳои табиӣ ҳангоми гирифтор шудан ба бемориҳои узвҳои ҳосилкунандаи хун (лейкози шадид), ғадуди сипаршакл (аденома, саратон), варамҳои хатарнок кӯчонида шудаанд.

70 фоизи музди меҳнат:

- ба кормандоне, ки собиқаи меҳнатии бефосилаи ҳаштсола ва беш аз он доранд;
- ба кормандоне, ки таҳти сарпарастии худ се ва ё бештар фарзандони то 16-сола (ё хонандагони то 20-сола) доранд;
- ба кормандони ятим, ки ба сини 23 нарасидаанд.

60 фоизи музди меҳнат:

- ба кормандоне, ки собиқаи меҳнатии бефосилаи то ҳаштсола доранд.

Кӯмакпулӣ барои на зиёда аз се рӯзи тақвимӣ дода мешавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ вобаста аз вазнинии бемории ва вазъи маишии оила, пардохти кӯмакпулӣ метавонад ба мӯҳлати на зиёда аз ҳафт рӯзи тақвимӣ давом дода шавад.

Кӯмакпулӣ барои нигоҳубини кӯдаки бемори то синни чордаҳсола барои давраи ба нигоҳубин мӯҳтоҷ будани кӯдак, вале на зиёда аз чордаҳ рӯзи тақвимӣ дода мешавад.

Кӯмакпулӣ ба яке аз волидайн ё дигар хешованди кӯдаки бемор, ки барои дар статсионар бо кӯдак ҳамроҳ будан аз кор муваққатан озод шудааст, барои тамоми давраи дар статсионар будани он дода мешавад.

Кӯмакпулӣ барои нигоҳубини кӯдаки бемори то синни ҳафтсола ба яке аз волидайн (дигар намояндаи қонунӣ) ё аъзои дигари оила барои давраи табобати амбулаторӣ ё якҷоя бо кӯдак дар муассисаи статсионарӣ барои беморон, барои давраи на зиёда аз чордаҳ рӯз дода мешавад.

***Муассисаҳои давлатие, ки дар сатҳи маҳал вобаста ба ин кӯмакпулӣ вазифадор ҳастанд***

Мақомоти маҳалии Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ташкилоту идораҳо ва корхонаҳо.

Комиссияҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилоту корхонаҳо таъсис дода шудаанд.

***Номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои пешниҳод намудан***

Варақаи корношоямӣ, ки бо тартиби муқарраргардида аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ дода шудааст.

***Раванди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо***

Барои гирифтани кӯмакпулӣ корманд бояд ба номи роҳбари ташкилоте, ки дар он ҷо кор мекунад (ҷои кори асосӣ) ариза барои баромадан ба рухсатӣ барои нигоҳубини аъзои бемори оила бо замима намудани варақаи корношоямӣ, ки бо тартиби муқарраргардида аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ дода шудааст, пешниҳод намояд. Дар сурати гум кардани варақаи корношоямӣ кӯмакпулӣ метавонад бо пешниҳоди нусхаи он (дубликат), ки аз ҷониби муассисаи тиббӣ тасдиқ гардидааст, дода шавад.  Барои гирифтани кӯмакпулӣ кормандон бояд варақаи корношоямиро ба маьмурияти корхона баъд аз ба охир расидани мӯҳлати нигоҳубни кӯдак, дар рӯзи баромадан ба кор пешниҳод намоянд. Кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ дар мӯҳлатҳои барои пардохти музди меҳнат муқарраршуда дода мешавад. Дар ҳолате, ки пардохти кӯмакпулӣ якҷоя бо музди меҳнат имконнопазир

бошад, метавонад дар асоси расиди хароҷотии алоҳида пардохт карда шавад. То лаҳзаи пардохти навбатии музди меҳнат, агар корношоямӣ ҳанӯз идома дошта бошад, варақаи корношоямӣ метавонад барои пардохт пешниҳод гардад. Кӯмакпулӣ метавонад дар асоси ваколатнома, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, пардохт карда шаванд.

## Ҷуброни зарар бо сабаби фавти корманд (саробон) дар натиҷаи ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот

***Санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки пардохт намудани ҷуброни зарарро пешбинӣ менамояд***

- Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07.2016, №1329 (моддаи 343).
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.10.2014, №661 «Дар бораи Тартиби аз ҷониби корфармо ҷуброн гардидани зарар бо сабаби бад шудани саломатӣ ё фавти кормандон».

***Кӣ ҳуқуқи гирифтани ҷуброни зарарро дорад? Шартҳои пардохт намудани ҷуброни зарар***

Ҳангоми фавти корманд дар натиҷаи ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот ба шаҳрвандони ғайриқобили меҳнате, ки зери сарпарастии ӯ қарор доштанд ё то фавти ӯ ба гирифтани маблағ барои нигоҳубин аз ӯ ҳуқуқ доштанд, ҳамчунин тифли марҳум, ки баъд аз марги ӯ

таваллуд шудааст, ҷуброни зарар дода мешавад. Ҷуброни зарар аз кӯмакпулии ҳармоҳа, кӯмакпулии яквақтаина ва пардохти зарари маънавӣ иборат мебошад. Пардохти ҷуброни зарар аз ҷониби корфармое, ки барои расонидани зарар ҷавобгар мебошад, амалӣ карда мешавад. Дар ҳолати таҷдид ё барҳам хӯрдани корхона, пардохти он аз ҷониби ворисӣ ҳуқуқии вай, ҳангоми набудани он аз ҷониби мақоме, ки ба он маблағҳои ҷамъшуда барои ҷуброни зарар гузаронида шудаанд ё бояд гузаронида шаванд, анҷом дода мешавад. Маблағҳое, ки барои ҷуброни зарар пардохт мешаванд, андозбандӣ карда намешаванд.

### *Андозаи ҷуброни зарар, мӯҳлати пардохт ва усули пардохти он*

Ҷуброни зарар ба шахсоне, ки ба гирифтани ҷуброни зарар бо сабаби фавти саробон ҳуқуқ доранд, аз рӯзи фавти ӯ, вале на пештар аз рӯзи пайдо кардани ҳуқуқ барои гирифтани ҷуброни зарар, пардохт карда мешавад. Ҳангоми пешниҳоди ариза дар бораи ҷуброни зарар пас аз гузаштани 3 сол пас аз фавти саробон, пардохти ҷуброни зарар аз рӯзи мурожиат амалӣ карда мешавад. Пардохти ҷуброни зарар ҳар моҳ сурат мегирад. Пардохти маблағҳои ҷуброни зарар барои моҳи ҷорӣ на дертар аз ба охир расидани он новобаста ба даромади онҳо амалӣ карда мешавад. Ба шахсони ғайри қобили меҳнати дар саробонии шахси фавтида қарордошта ва ба ҷуброни зарар ҳуқуқдошта, ҷуброн дар ҳаҷми музди миёнаи меҳнати шахси фавтида бо тарҳи қисми ба худи ӯ мансуббуда ва ба шаҳрвандони қобили меҳнат, ки таҳти саробонии ӯ қарор доштанд, вале ба ҷуброн ҳуқуқ надоранд, муайян карда мешавад. Барои муайян намудани ҳаҷми пардохти ҷуброн, ба ҳар як шаҳрванд, ки дорои ҳуқуқи

ҷуброн аст, қисми музди меҳнати шахси фавтида, ки ба хамаи шаҳрвандони зикргардида рост меояд, ба шумораи онҳо баробар тақсим карда мешавад. Ба шахсони ғайриқобили меҳнат, ки таҳти саробонии шахси фавтида қарор надоранд, вале ба ҷуброни зарар ҳуқуқ доранд, ҳаҷми он бо тартиби зайл муқаррар карда мешавад:

- агар маблағҳо барои таъминот тариқи суд рӯёнда шуда бошанд, пас ҳаҷми ҷуброни товони зарар дар ҳаҷми маблағи таъиннамудаи суд муайян карда мешавад;
- агар маблағ барои таъминот бо тартиби судӣ рӯёнида нашуда бошад, ҷуброни зарар бо дарназардошти шароити моддии шаҳрвандон ва имкониятҳои расонидани кӯмаки дар давраи зиндагӣ доштаи шахси фавтида муқаррар карда мешавад.

Ба шаҳрвандоне, ки ҳуқуқ ба ҷуброни зарар бо сабаби фавти саробонро доранд, нафақаи бо сабаби фавти саробон, инчунин дигар нафақаҳои таъингардида, музди меҳнат, идрорпулӣ ва дигар даромадҳои онҳо ба ҳисоби ҷуброни зарар дохил карда намешаванд.

Дастрас ё интиқол додани маблағҳо, аз ҷумла берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои пардохти ҷуброни зарар пешбинӣ шудаанд, аз ҳисоби корфармое, ки барои расонидани зарар ҷавобгар мебошад, амалӣ карда мешавад. Бо хоҳиши гирандагон ин маблағҳо метавонанд ба суратҳисоби онҳо ба бонк интиқол дода шаванд. Пардохти маблағҳои ҷуброни зарар, ки таъин шуда, сари вақт аз ҷониби ҷабрдида ё шахси ба гирифтани он ҳуқуқдошта гирифта нашудааст, барои давраи гузашта, вале на бештар аз 3 соли пеш аз муроҷиат барои гирифтани он пардохт карда мешавад. Маблағҳои ҷуброни зарари

сари вақт гирифтанашуда бо гуноҳи корфармое, ки барои он ҷавобгар аст, барои давраи гузашта бе ягон маҳдудияти мӯҳлат пардохт карда мешавад. Маблағҳои ҷуброни зарар, ки бояд ба шахсони дорои ҳуқуқ ба гирифтани онҳо бо сабаби фавти саробон дода шаванд ва бо сабаби фавтидан гирифта нашудаанд, ба меросхӯрони онҳо тибқи асосҳои умумӣ пардохт карда мешаванд. Ба аъзои оилаи фавтида, ки дафнро мегузаронанд, ин маблағҳо то гирифтани шаҳодатнома оид ба ҳуқуқ ба мерос низ пардохт карда мешаванд.

Инчунин, ба оилаи шахси фавтида илова ба маблағе, ки барои шахсони дар таъминоти ӯ буда муқарррар шудааст, ба андозаи на камтар аз музди меҳнати шастмоҳаи фавтида кӯмакпулии яквақта дода мешавад.

Ҳамчунин, ба оилае, ки дар натиҷаи захмбардории меҳнатӣ саробонро гум кардааст, аз ҷониби корфармо зарари маънавӣ дар шакли пул ва ё дар шакли дигари кӯмаки моддӣ, новобаста ба ҷуброни дигари молумулкӣ, пардохт карда мешавад. Андозаи ҷуброни зарари маънавӣ бо розигии маъмурияти корхона ва шаҳрвандоне, ки ба сабаби фавти ҷабрдида ба гирифтани ҷуброни зарар ҳуқуқ дорад, муайян карда мешавад. Ҳангоми ба миён омадани баҳс андозаи зарари маънавӣ ба тариқи судӣ муайян карда мешавад.

***Муассисаҳои давлатие, ки дар сатҳи маҳал вобаста ба ин кӯмакпулӣ вазифадор ҳастанд***

Ташкилоту муассисаҳо ва корхонаҳо.

***Номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ***

- ариза;
- нусхаи шаҳодатнома дар бораи фавти саробон;
- маълумотномаи мақоми дахлдор дар бораи ҳайати оилаи фавтида, аз ҷумла онҳое, ки таҳти саробонии ӯ қарор доранд ё нусхаи қарори суди дахлдор;
- маълумотномаи мақомоти дахлдор дар хусуси он, ки падар ё модар, ҳамсар ё аъзои дигари оилаи шахси фавтида, ки ба нигоҳубини кӯдакон, бародарон, хоҳарон ё наберагони ба синни 14-солагӣ нарасидаи фавтида машғул аст, дар ягон ҷой кор намекунанд;
- маълумотномаи муассисаи таълимӣ дар бораи он, ки шаҳрвандони синни аз 18 то 23 сола, ки ҳуқуқ ба гирифтани ҷуброни зарарро доранд, дар муассисаҳои рӯзонаи таълимӣ таҳсил менамоянд.

***Раванди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо***

Барои гирифтани ҷубронпулии зарари ба корманд расонидашуда намояндаи қонунии шаҳрвандоне, ки барои чунин пардохт бинобар гум кардани саробон ҳуқуқ доранд метавонад бо ариза оид ба пардохти ҷуброни зарар ба шаҳрвандоне, ки барои чунин пардохт бинобар гум кардани саробон ҳуқуқ доранд, ба унвонии маъмурияти корфармое, ки ба расонидани захмбардории меҳнатӣ ҷавобгар мебошад, пешниҳод намояд. Дар ҳолати барҳамхӯрӣ ё азнавтаъсисдиҳии корфармо ариза ба ворисони ҳуқукии вай пешниҳод карда мешавад. Ба ариза оид ба пардохти ҷуброни зарар чунин ҳуҷҷатҳо замима мешаванд:

- нусхаи шаҳодатнома дар бораи фавти саробон;

- маълумотномаи мақоми дахлдор дар бораи ҳайати оилаи фавтида, аз ҷумла онҳое, ки таҳти саробонии ӯ қарор доранд ё нусхаи қарори суди дахлдор;
- маълумотномаи мақомоти дахлдор дар хусуси он, ки падар ё модар, ҳамсар ё аъзои дигари оилаи шахси фавтида, ки ба нигоҳубини кӯдакон, бародарон, хоҳарон ё наберагони ба синни 14-солагӣ нарасидаи фавтида машғул аст, дар ягон ҷой кор намекунанд;
- маълумотномаи муассисаи таълимӣ дар бораи он, ки шаҳрвандони синни аз 18 то 23 сола, ки ҳуқуқ ба гирифтани ҷуброни зарарро доранд, дар муассисаҳои рӯзонаи таълимӣ таҳсил менамоянд.

Дар маълумотномаи мақоми дахлдор оид ба ҳайати оилаи саробон, аз ҷумла ашхоси таҳти саробонии ӯ қарордошта, насаб, ном, номи падар, моҳ ва соли таваллуди ҳар як аъзои оила нишон дода мешавад. Ба шахсони барои гирифтани ҷуброни зарар ҳуқуқдошта, ки дар шаҳр ва хонаҳои хусусӣ зиндагӣ мекунанд, маълумотнома аз ҷониби раиси маҳалла тасдиқ карда мешавад. Маъмурияти корфармо ба аризадиҳанда ҷиҳати дастрас намудани ҳуҷҷатҳои дахлдори барои талаб намудани ҷуброни зарар зарурбуда мусоидат намуда, дар ҳолатҳои дахлдор онҳоро аз дигар корфармоён дархост менамояд. Ариза дар хусуси пардохти ҷуброни зарар дар давоми 10 рӯз аз ҷониби маъмурияти корфармо баррасӣ гардида, қарори дахлдор қабул қабул карда мешавад. Ҳангоми розӣ набудани аризадиҳанда бо қарори маъмурияти корфармо ё дар ҳолати нагирифтани ҷавоб дар мӯҳлатҳои муқарраргардида, баҳс аз ҷониби суд баррасӣ карда мешавад. Ариза дар хусуси ҷуброни зарар бо хоҳиши аризадиҳанда ба суди маҳалли ҷойгиршавии корхона, ё ҷои зисти аризадиҳанда, ё ҷои

расонидани зарар пешниҳод карда мешавад. Ба талабот оид ба ҷуброни зарар бо сабаби фавти саробон мӯҳлати даъво паҳн намегардад.

## Расонидани кӯмаки яквақта ба маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробар кардашуда, ба собиқадорони меҳнат ва оилаҳои камбизоат

***Санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки пардохт намудани кӯмакпулиро пешбинӣ менамояд***

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ» аз 24.02.2017, №1396.
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 03.12.2011, №602 «Дар бораи тасдиқи Тартиби намунавии ташкил ва истифодабарии маблағҳои Фонди захиравии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ».

***Кӣ соҳиби кумакпулӣ шуда метавонад?***

Кӯмакпулии мазкур характери яквақтаина дошта аз ҳисоби маблағҳои Фонди захиравии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, ба собиқадорони меҳнат ва оилаҳои камбизоат пардохт карда мешавад.

***Андозаи кӯмакпулии яквақта, мӯҳлати пардохт ва усули пардохти он***

Андозаи кӯмакпулии яквақта барои шахси аризадиҳанда аз шароити моддию иҷтимоӣ ва имкониятҳои буҷети маҳаллӣ вобаста буда, маъмулан (ба ҳисоби миёна) аз 200 сомонӣ то 3 000 сомониро ташкил медиҳад.

Кӯмакпулии яквақта аз ҳисоби Фонди захиравии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ҳар як муроҷиаткунандаи ниёзманд дар як сол як маротиба дода мешавад.

***Муасисаҳои давлатӣ, ки дар сатҳи маҳал вобаста ба ин кумакпӯлӣ вазифадор ҳастанд***

Шӯъбаҳои (бахшҳои) ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, раёсатҳои (шӯъбаҳои) молияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо.

***Номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ***

- ариза дар бораи расонидани кӯмакпулии яквақта;
- нусхаи шиносномаи аризадиҳанда (асли он ҳангоми супоридани ариза нишон дода мешавад);
- маълумотнома дар бораи ҳайати оилаи камбизоат;
- протоколи шӯъбаю бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо оид ба вазъи иҷтимоию иқтисодии муроҷиаткунанда.

***Раванди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо***

Барои гирифтани кӯмакпулии яквақта сардори оилае, ки бо сабабҳои объективӣ дар шароити душвори

зиндагӣ қарор дорад, инчунин волидайни кӯдакони ниёзманд, хонандагони муассисаҳои таълимӣ, ки дар як давраи муайян ба дастгирии молиявӣ ниёзманд гардидаанд, метавонанд барои гирифтани кӯмакпулии яквақта ба қабули раиси вилоят, шаҳр ё ноҳия муроҷиат намоянд, ё худ ба шӯъбаи умумии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ё ноҳияи ҷои истиқоматашон аризаи шаклаш озод, нусхаи шиносномаи аризадиҳанда (асли он ҳангоми супоридани ариза нишон дода мешавад) ва маълумотнома дар бораи ҳайати оилаи камбизоатро супоранд.

Бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аризаи оилаҳои ниёзманд ва ё волидайни кӯдакони ниёзмандро баррасӣ намуда, протоколи дахлдор тартиб дода, ба раиси вилоят, шаҳр ё ноҳия пешниҳод менамоянд. Баъд аз тасдиқи протоколи мазкур шӯъбаи молияи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ё шаҳру ноҳияҳо пардохти мазкурро тибқи тартиби муқарраргардида ба шахси аризадиҳанда анҷом медиҳад.

# III. НОМГӮИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ИСТИФОДАШУДА

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1413.
- Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07.2016, №1329.
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ» аз 24.02.2017, №1396.
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» аз 13.12.1997, №517.
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак» аз 18.03.2015, №1196.
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» аз 11.12.199, №881.
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз 02.01.2010, №595.
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 01.08.2003, №44.
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» аз 29.12.2010, №675.
- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.08.2013, №1493 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия».

- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.06.2016, №697 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия».
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2010 № 232 «Дар бораи тасдиқи Тартиби таъин ва пардохти кӯмакпулии давлатӣ ба кӯдакони то синни 16 сола, ки мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният мебошанд».
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.07.2013, №293 «Дар бораи Тартиб ва шартҳои пардохти кӯмакпулӣ барои дафн ба аъзои оилаи камбизоат».
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи идома ва намудани механизми таҷрибавии кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат.
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.03.2013, №146 «Дар бораи Тартиби экспертизаи корношоямии муваққатии шаҳрвандон дар муассисаҳои табобатию профилактикӣ».
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.10.2014, № 630«Дар бораи Тартиб ва шартҳои пардохти кӯмакпулиҳо ҳангоми корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорию таваллуд ва кӯмакпулиҳои оилавӣ».
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2004, №170 «Дар бораи тасдиқи Тартиби бақайдгирии шаҳрвандони бекор».

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.03.2013, №90 «Дар бораи Тартиби муроҷиат барои таъини нафақа ва пешбурди ҳуҷҷатҳои нафақавӣ».
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.03.2013, №91 «Дар бораи Тартиби пардохти нафақа ба кӯдаконе, ки дар таъминоти пурраи давлат мебошанд».
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2008, №379 «Дар бораи тақвияти кӯмакрасонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат».
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.10.2014, №661 «Дар бораи Тартиби аз ҷониби корфармо ҷуброн гардидани зарар бо сабаби бад шудани саломатӣ ё фавти кормандон».
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2011, №602 «Дар бораи тасдиқи Тартиби намунавии ташкил ва истифодабарии маблағҳои Фонди захиравии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ».
- Фармоиши Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.02.2016, №11 «Дар бораи тартиби таъин ва пардохти нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ».

Нашрияи мазкур бо маблағгузорӣ ва кӯмаки техникии Иттиҳоди Аврупо ва Хазинаи Кӯдаки Созмони Милали Муттаҳид чоп гардидааст.

Иттиҳоди Аврупо барои мазмуни маводи чопшуда масулият надорад.

**Ҳифзи кӯдакони зери таъсири муҳоҷират қарордошта**
**Protecting children affected by migration**
**Защита детей в миграционных процессах**

МАБЛАҒГУЗОР - ИТТИҲОДИ АВРУПО

юнисеф
барои ҳар як кӯдак